ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ





E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №8 (273) 16-уми майи соли 2018, чоршанбе (оғози нашр: соли 1994)

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САТҲИ БАЛАНД ДАР МАВЗӮИ "МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ ВА ИФРОТГАРОИИ ХУШУНАТОМЕЗ"




*04.05.2018 09:37, шаҳри Душанбе*

Муҳтарам Муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид!

Муҳтарам Дабири кулли Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо!

Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!

Хонумҳо ва ҷанобон!

Дар оғоз ҳамаи шумо ва ҳайати ҳамроҳатонро ба диёри бостонии Тоҷикистон хайрамақдам мегӯям.

Чорабинии имрӯза ба яке аз масъалаҳои доғи рӯз - муқовимат бо терроризм ва ифротгароӣ бахшида мешавад.

Итминон дорам, ки ҳамоиши имрӯза барои муҳокимаи ҳамаҷонибаи масоили марбут ба мубориза алайҳи ин вабои аср ва таҳияву татбиқи иқдомоту тавсияҳои муштараки ҳамоҳангшуда дар ин самт мусоидат хоҳад кард.

Мусаллам аст, ки таъмин намудани сулҳу субот ва амнияти пойдори кишварҳо аз ҷумлаи вазифаҳои калидӣ ва шарти муҳимтарини роҳандозиву пешбурди равандҳои созанда ба хотири рушди устувор дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ ба ҳисоб меравад.

Имрӯзҳо дар гӯшаҳои гуногуни сайёра миллионҳо нафар одамон гирифтори хавфу таҳдид ва оташи ҷангу низоъҳо гардидаанд ва зуҳури терроризму ифротгароӣ ба хатари бесобиқаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, оқибатҳои фоҷеабору дарозмуддати ҷамъиятиву сиёсӣ ва маънавиро ба бор меорад.

Дар зарфи солҳои охир зиёда аз 100 мамлакати дунё ҳадафи амалҳои харобкоронаи террористон қарор гирифта, бар асари ҳамлаҳои террористӣ садҳо ҳазор нафар аҳолии осоишта ба ҳалокат расидаанд ва миллионҳо нафар макону манзили зисташонро тарк кардаанд.

*(Идома дар саҳ. 2-3)*

### АКСИЯИ «ДОНИШГОҲИ МАН»



### ИЗҲОРОТИ ВМИҶТ ОИД БА "ДИССЕРНЕТ"



### ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОК: БАРХӮРДИ НАВИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТ



### ТААССУРОТИ САФАР АЗ ХУҶАНД



### МИНБАРИ ДОНИШҶӮ



### УСТОДИ ВАРЗИШИ ДАРАҶАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



### МУШКИЛОТИ ИМРӮЗАИ ЭКОЛОГӢ ВА РОҲҲОИ ҲАЛ



*Дил арчи китоби пур зи ҷилдаст,*
*Хонандаи ӯ касе надидаст.*



# СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САТҲИ БАЛАНД ДАР МАВЗӮИ "МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ ВА ИФРОТГАРОИИ ХУШУНАТОМЕЗ"

Зарари ба иқтисодиёти кишварҳо расонидашуда садҳо миллиард долларро ташкил медиҳад.

Танҳо дар қаламрави Афғонистон соли гузашта бар асари ҷангу амалҳои террористӣ беш аз 10 ҳазор нафар аҳолии осоишта зарар дида, тақрибан 4 ҳазор нафар қурбон шудаанд.

Сию ду фоизи қурбониён ва 53 фоизи маҷрӯҳонро занону кӯдакон ташкил додаанд. Пӯшида нест, ки дар чунин вазъият кишварҳои дунё дар танҳоӣ наметавонанд дар муқовимат бо хавфу таҳдидҳои афзояндаи амнияту осоиш комёб гарданд ва сулҳу суботро таъмин намоянд.

Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти воқеияти мавҷуда, мо дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон пурзӯр кардани ҳамкориву шарикиро барои таъмини суботу амнияти фарогир тавассути андешидани иқдомҳои муштарак дар ҷодаи мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва аз байн бурдани омилҳои дастгирии сиёсӣ, низомӣ ва молиявии онҳо ҳамчун самти амалии раҳоӣ аз ин вартаи хатарнок муҳим арзёбӣ мекунем.

Дар ин раванд, ба андешаи мо, вокуниш ба таҳдидҳои рӯзафзуни терроризм ва ифротгароӣ бояд бо нақши калидӣ ва ҳамоҳангсози Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои дахлдори он фарогир ва амиқ гардонида шавад.

Стратегияи глобалии Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза алайҳи терроризм ва конвенсияҳои зиддитеррористии он, қатъномаҳои Шӯрои Амният ва Маҷмаи Умумӣ бояд асоси муборизаи муштарак бо терроризму ифротгароиро ташкил намоянд.

Мутаассифона, мо имрӯзҳо шоҳиди он ҳастем, ки дар ҷаҳон раванди рақобатҳои стратегӣ шиддат гирифта, нишонаҳои дубора доман паҳн кардани "ҷанги сард" возеҳ мушоҳида мешаванд.

Чунин воқеият талошҳои якҷояи ҷомеаи ҷаҳониро дар муқовимат бо хатару таҳдидҳои глобалӣ дучанд коста гардонида, ба усулу асосҳои бунёдии тартибу низоми ҷаҳонӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар иртибот ба ин, таъкид карданиам, ки Тоҷикистон дар арсаи мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, тундгароӣ ва дигар хатару таҳдидҳои замони муосир, аз қабили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ, ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ ва киберҷиноятҳо шарики табиии ҳамаи давлатҳои дунё ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ мебошад.



Дар шароити мураккабу пуртазоди имрӯза мо бояд ҳамкорӣ кунем, на рақобату бартариҷӯӣ.

Барои ноил гаштан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар муқовимат бо зуҳуроти хатарзои замони муосир бояд бар пояи ҳусни эътимод ҳамдастиву ҳамоҳангиҳои зичи хадамоту ниҳодҳои амниятии кишварҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба роҳ монда шавад.

Ба ин манзур кишвари мо ҳамчун узви фаъоли Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати муборизаи самарбахши муштарак бар зидди хатару таҳдидҳои замони муосир пайваста талош карда, фаъолияти созандаро дар ин самт минбаъд низ густариш хоҳад бахшид.

Тақвияти ҳамкориҳои густурда бо шарикони байналмилалиро мо яке аз омилҳои муҳимми татбиқи ҳадафҳое медонем, ки дар Стратегияи миллии мо оид ба мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2016-2020 ва нақшаи амали он бо 12 ҷанбаи мавзӯӣ дарҷ гардидаанд.

Дар ин росто, Тоҷикистон имрӯз ҳамкориҳои ҳадафмандонаро бо шарикони худ дар чаҳорчӯби созмонҳои минтақавӣ, ба мисли Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай роҳандозӣ намудааст.

Мо ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои ин ниҳодҳо дар ҷодаи таъмини суботу амният минбаъд низ талош хоҳем кард.

Вобаста ба ин, қобили таъкид аст, ки тайи солҳои охир муносибатҳои байни кишварҳои Осиёи Марказӣ, дар маҷмӯъ, хислати рушду тавсеаи навро касб кардаанд. Ин, дар навбати худ, имкон фароҳам овард, ки кишварҳои минтақа ҳамкориву ҳамоҳангиҳои самарабахшро дар соҳаи амниятӣ дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монанд.

Тоҷикистон аз чунин раванди рушди робитаҳои миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ истиқбол менамояд ва омодагии хешро ҷиҳати таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳояш дар ин самт бо тамоми кишварҳои ҳамҷавор иброз медорад.

Бояд тазаккур дод, ки баргузор гардидани конфронси имрӯза дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо ва шарикони дигар худ баёнгари омодагии Тоҷикистон барои ҳамкорӣ дар самти мубориза ва пешгирӣ аз таҳдиду хатарҳои амниятӣ дар ҳама сатҳу зинаҳо ба шумор меравад.

Ҳозирини гиромӣ!

Ҷумҳурии Тоҷикистон авали солҳои 90-уми асри XX - ҳанӯз дар оғози бунёди давлати соҳибихтиёри худ ҳадафи амалҳои тахрибкоронаи террористону ифротгароён бо дастгирии хоҷагони хориҷии онҳо қарор гирифт.

Дар он айём ниҳодҳои терроризми байналмилалӣ ва ифротгароён кишвари моро ба саҳнаи озмоиши қудрати маргбори худ ва ҳадафи ғаразҳои зиддиинсонӣ табдил дода буданд.

Он замон Тоҷикистон ба ҳамаи он ҳодисаҳои фоҷиаборе, ки имрӯзҳо дар Ироқу Сурия, Яману Афғонистон мушоҳида мешаванд, рӯ ба рӯ шуда буд.

Ҳадафу нақшаҳои пасипардагиву ғаразноки саркардаҳои аслии он амалҳои харобиовар ва хоҷагону сарпарастони онҳо, ки аз ғояҳои ифротгароӣ ва террористӣ сарчашма мегирифтанд, бо роҳи зӯрӣ ва қатлу куштор ба сари мардум таҳмил кардани фарҳанги бегонаву тафаккури асримиёнагӣ ва дар Тоҷикистон таъсис додани давлати исломӣ буд.

Дар натиҷаи бесарусомониҳо ва ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ садҳо ҳазор нафар шаҳрвандони мо кушта шуда, беш аз як миллион нафар мардуми осоишта бехонумону фирорӣ гардиданд.

Бо вуҷуди ин, мо дар асоси имконоти тамаддун ва фарҳанги қадимаи хеш тавонистем, ки муколамаи васеъро ба роҳ монда, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро таъмин кунем.

Фидокориву мардонагии халқи тоҷик дар ҳимояи марзу бум ва арзишҳои фарҳангу тамаддуни қадимаи хеш, иродаи қавии мардуми мо ба сулҳу субот ва созандагиву бунёдкорӣ боис гардид, ки пеши роҳи амалҳои террористону ифротгароёни дохиливу хориҷӣ дар кишвари тозаистиқлоли мо гирифта шавад.

Бо такя ба таҷрибаи сулҳофарии худ мо баробари муборизаи беамон бар зидди терроризму ифротгароӣ тарзу усули ҳалли осоиштаи муноқишаву низоъҳои замони муосирро дар чаҳорчӯби меъёрҳои аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ эътирофгардида қотеона ҷонибдорӣ мекунем.

Дӯстони гиромӣ!

Таърих ва таҷрибаи талхи бисёр кишварҳои олам, аз ҷумла Тоҷикистон гувоҳ аст, ки дар мубориза бо қувваҳои бадхоҳи ҷаҳонӣ ва таҳдидҳои глобалӣ танҳо бо роҳи ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак метавон пирӯз гардид.

Вале боиси таассуф аст, ки то ба ҳол аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеъгирии ягона нисбат ба мафҳумҳои терроризм ва экстремизм ба назар намерасад.

Ба ақидаи мо, муборизаи самарабахш алайҳи терроризму ифротгароӣ ва тундгароии хушунатангез ба ҳеҷ ваҷҳ сиёсати "меъёрҳои дугона"-ро намепазирад.

Баръакс, чунин мавқеъгирӣ боиси тавсеаи ҷуғрофияи хатару таҳдидҳои хатарбори мазкур дар шаклу усулҳои пешгӯинашаванда ва боз ҳам даҳшатнок мегардад.

Зеро терроризму ифротгароӣ на сарҳадро эътироф мекунаду на давлатро.

Ҳамин аст, ки имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву ифротӣ бо созмонҳои диниву миллатгарои тундрав ва дигар ниҳодҳои ҷиноятӣ ба ҳам омада, дар манотиқи гуногуни ҷаҳон хушунату зӯроварӣ, хунрезиву низоъҳои диниву мазҳабӣ, нажодӣ ва ҳатто бархӯрди тамаддунҳоро барангехтаанд.

Дар ин замина он ҳам боиси нигаронии амиқ аст, ки террористон ва ифротгароён бо сӯиистифода аз номи поки дини ислом ба паҳншавии афкори исломситезӣ ва бадбинии мусулмонон мусоидат менамоянд.

Ба ин тариқ бадном кардани дини мубини ислом, ки имрӯз пайравонаш зиёда аз якуним миллиард аҳолии кураи заминро ташкил медиҳанду дар рушди ҷаҳони мутамаддин саҳми арзанда доранд, метавонад оқибатҳои хатарзоро ба бор орад.

Зимнан, барои гирифтани пеши роҳи исломситезӣ моро зарур аст, ки фазои эътимод, таҳаммулгароӣ ва ҳамдигарфаҳмиро миёни ҷомеа ва тамаддунҳо тавсеа бахшем, ки ин, дар навбати худ, имкониятҳои моро дар муқовимат бар зидди хатару таҳдидҳои муосир бештар месозад.

Дар ин робита, ман борҳо таъкид намудаам ва ҳоло бори дигар иброз менамоям, ки террористу ифротгаро ватану миллат ва дину мазҳаб надорад.

Террорист - террорист аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ "худӣ" ё "бегона" ва ё "таҳаммулгарову" "тундгаро" буда наметавонад.

Хусусияти глобалии хатари терроризм ва ифротгароӣ ҷиддан тақозо менамояд, ки нисбат ба ин ду мафҳум мавқеъ ва меъёрҳои ягонаву умумӣ таҳия ва қабул карда шаванд.

Ҳозирини муҳтарам!

Имрӯзҳо бар асари ноамниҳо дар нуқтаҳои гуногуни олам таҳдидҳои амниятӣ ба минтақаи мо низ рӯ ба афзоиш мебошанд.

Кишвари мо, бинобар мавқеи ҷуғрофии худ, дар марзи аввали муқовимат бо таҳдиду хатарҳои муосир қарор дорад.

Ба ҳама маълум аст, ки таъмини сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ бо вазъи амниятӣ дар Афғонистон робитаи ногусастанӣ дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Афғонистон сарҳади тӯлонӣ (зиёда аз 1400 километр) дорад, нисбат ба вазъияти кунунӣ дар ин кишвари дӯсту ҳамсоя, аз ҷумла дар минтақаҳои шимоли он бетафовут буда наметавонад.

Мо ҳанӯз дар солҳои навадуми асри гузашта бо истифода аз минбари созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, зарурати ҳалли бетаъхири мушкилоти кишвари ҳамсоямон - Афғонистонро батакрор таъкид мекардем.

Мутаассифона, дар суҳбатҳои хосса баъзе сиёсатмадорони сатҳи баланд мегуфтанд, ки ин мушкилоти шумо ва минтақа аст, на мушкилоти мо.

Илова бар ин, чунин мешумориданд, ки сабабҳои пайдо шудани ин мушкилот рақобатҳои носолими қавмиву этникӣ дар минтақа

аст.

Лекин вақт нишон дод, ки ҳама он хушдорҳои мо воқеӣ будаанд ва натиҷаи беэътиноии сиёсист, ки мушкилоти онвақта имрӯз ба хатару таҳдидҳои глобалӣ табдил ёфтанд.

Танҳо баъди амалҳои террористии даҳшатовари 11 сентябри соли 2001 дар Ню-Йорк кишварҳои олам ҷиддияти масъаларо дарк намуда, таваҷҷуҳи худро ба он равона намуданд. Аммо ин падидаи номатлуб, аллакай, хислати ҷаҳонӣ касб намуда, пеши роҳи онро гирифтан хеле мушкил шуд.

Далели ин гуфтаҳо он аст, ки агар солҳои қаблӣ дар Афғонистон дар қатори ҷангҷӯёни ҳаракати "Толибон" намояндагони ҳамагӣ 15 кишвар мушоҳида мешуданд, ҳоло дар сафҳои созмони ба ном "Давлати исломӣ" ва дигар гурӯҳҳои террористӣ ҷангидани шаҳрвандони зиёда аз 100 давлат таъйид шудааст.

Аз рӯи маълумоти дастрас шумораи ҷангиёни гурӯҳҳои террористие, ки дар Ироқу Сурия ҷойгир буданд, то 100 ҳазор нафар мерасид. Дар натиҷаи амалиётҳои зиддитеррористӣ як қисми онҳо нобуд карда шуданд.

Дар ин робита, суоле ба миён меояд, ки боқимондаи онҳо ҳоло дар куҷо қарор доранд? Ва бо кадом кишвару созмонҳо робита доранд?

Боиси нигаронист, ки як қисми онҳо аллакай ба кишварҳои худ баргаштаанд ё ин ки дар роҳи бозгашт ба ватанашон қарор доранд ва метавонанд ба кишварҳои худ хатар эҷод кунанд.

Мо аллакай шоҳиди он будем, ки ҳатто гурӯҳҳои хурди террористӣ тавонистанд дар як қатор кишварҳои аврупоӣ даст ба амалҳои террористӣ зада, сабабгори ҳалокати одамон ва нооромии вазъ шаванд.

Мавриди таъкид аст, ки баъди амалиётҳои зиддитеррористӣ дар Сурия ва Ироқ аъзои гурӯҳҳои алоҳидаи экстремистиву террористӣ ба давлати Афғонистон омада, қаламрави онро ба майдони ҳарбу зарби терроризми байналмилалӣ табдил додаанд.

Вусъатёбии фаъолияти чунин гурӯҳҳои террористиву тундгаро, аз қабили созмони ба ном "Давлати исломӣ", "Ал-Қоида", "Толибон" ва монанди инҳо илова ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар ин кишвар, аз ҷумла дар минтақаҳои бо Тоҷикистон ҳамарзи он боиси нигаронии амиқи мо гардидааст.

Тоҷикистон саъю талошҳои ҷомеаи ҷаҳониро ҷиҳати ҳаллу фасли фарогири қазияи Афғонистон ҷонибдорӣ менамояд.

Мо расонидани кумакҳои саривақтиро ба мардуми Афғонистон, бахусус, дар давраи даҳсолаи гузариш дар Афғонистон (солҳои 2015-2024) дар чаҳорчӯби ҳама гуна муколамаву ҳамоишҳои мавҷуда амри муҳим меҳисобем.

Мо чунин мешуморем, ки кумак ба рушди иқтисодиву иҷтимоии Афғонистон яке аз роҳҳои самарабахши истиқрори сулҳу субот дар ин кишвар мебошад.

Аз ин рӯ, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват ба амал меорем, ки ҷиҳати дастгирии Афғонистон дар ин раванд ва бо ҳамин роҳ беҳтар намудани вазъи амниятии ин кишвар кумакҳои амалии худро афзоиш диҳад.

Дар ин иртибот, бори дигар таъкид месозам, ки пирӯзӣ бар терроризму ифротгароӣ танҳо бо роҳи низомӣ ғайриимкон мебошад.

Дар ин раванд дар мадди назари доимӣ нигоҳ доштани ҷанбаҳои иҷтимоии афзоиши ин зуҳурот зарур дониста мешавад.

Фақру камбизоатӣ, бекорӣ, сатҳи пасти саводнокӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки одамонро водор менамоянд, то дар ҷустуҷӯи адолати иҷтимоӣ ба ғояҳои зӯроварӣ рӯ оранд.

Зимнан, тақозои замон аст, ки давлатҳои пешрафта ба кишварҳои ниёзманд доир ба расонидани кумаки зарурии иқтисодиву молиявӣ ва технологӣ дар доираи барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.



Меҳмонони гиромӣ!

Яке аз омилҳои густариш ёфтани ифротгароӣ ва терроризм ин аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ васеъ истифода гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ, бахусус, шабакаи интернет бо мақсади пешбурди ташвиқоти экстремистӣ, ба сафҳои худ ҷалб намудани аъзои нав, омода ва роҳбарӣ намудан ба амалҳои харобкоронаи онҳо махсуб меёбад.

Аз ин лиҳоз, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла мубодилаи иттилоот дар бораи тарзу усулҳои муассири пайгирӣ намудани чунин сомонаҳо, аз шабакаи интернет хориҷ намудани онҳо ва расонидани кумаки байниҳамдигарӣ дар ин самт шарти муҳимми комёбӣ дар мубориза бо кибертерроризм мебошад.

Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ки яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории терроризму ифротгароӣ махсуб меёбад, аз ҷумлаи мушкилоти умдаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Мубориза алайҳи он аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ андешидани чораҳои бетаъхир ва роҳандозии тадбирҳои муштаракро бо истифода аз тамоми роҳу воситаҳо талаб менамояд.

Тақвияти ҳамоҳангӣ ва расонидани кумак ба кишварҳое, ки дар сари роҳи маводи мухаддир қарор доранд, амри зарурӣ ва тақозои замон аст.

Тоҷикистон бо дарки амиқи ин хатари глобалӣ тайи солҳои тӯлонӣ тамоми кӯшиши худро ба мубориза алайҳи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир равона мекунад.

Дар давраи пас аз соли 1994 то имрӯз аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар беш аз 120 тонна маводи нашъаовар мусодира гардидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро таҳия ва қабул намудааст, ки хусусияти пешгирикунанда дошта, барномаи амал ва самтҳои ҳамкориро дар заминаи муносибати дуҷониба, минтақавӣ ва бисёрҷониба дар бар мегирад.

Стратегияи мазкур, бо дарназардошти ҳамбастагии зичи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир бо терроризму ифротгароӣ ва тундгароӣ, дар айни замон ба бартараф намудани омилҳои ин зуҳурот дар ҷомеа равона шудааст.

Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳои иштирокдори конфронс!

Ҳозирини гиромӣ!

Дар фарҷоми андешаҳои хеш мехоҳам бори дигар ташрифи шуморо ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, идомаи бобарори барномаи кориатонро орзу намоям.

Ба ширкаткунандагони ҳамоиши имрӯза дар муҳокимарониҳо ва баррасии мавзӯъҳои мавриди назар муваффақият мехоҳам.

Итминон дорам, ки натиҷаҳои конфронси имрӯзаи мо ҷиҳати вусъати тоза бахшидан ба ҳамкориҳо дар самти муборизаи муштарак бо терроризму ифротгароӣ ва расидан ба ҷаҳони озод аз ин зуҳуроти хатарноки аср мусоидат хоҳанд кард.

Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.

## • Шеъри рӯз



*Бозор СОБИР*

### ВАТАН

Дубора созамат ватан
Ба хишти ҷони хештан,
Сутун занам ба сақфи ту
Ба устухони хештан.

Сатили об гил маро
Барои сохтори ту,
Ду панҷаи хуни дил маро
Барои рангубори ту;

Барои ҷар сазор ё
Навиштани шиори ту:

Бародарӣ-баробарӣ,
Баробарӣ-бародарӣ.

Агар ту шишагашти ман
Ба кор меравад бимон,
~~Агар~~ ба [illegible] кор меравад агар
Сарам ту санги сохтмон,
Бимон, бимон, бимон...

Дубора созамат ватан
Ба хишти ҷони хештан,
Сутун занам ба сақфи ту
Ба устухони хештан.

Бо эҳтиром Бозор Собир.
Seattle, USA.

# ДУ ҲИКМАТ

### ҲИКМАТИ ЯКУМ

Замоне, ки Маҳатма Ганди, Қаҳрамонии миллии Ҳиндустон мехост худашро ба ҷаласае бирасонад, ки қарор буд дар он ҷаласа аз ҳаққи миллаташ дар баробари ингилисҳо дифоъ кунад, дер ба истгоҳи роҳи оҳан расид. Ва қатора шурӯъ ба ҳаракат кардан буд. Ганди маҷбур шуд, ки ба дунболи қатора бидавад. Ва билохира ба қатора расид, вале ҳангоми савор шудан ба қатора як кафшаш аз пояш афтид. Ганди дар ҳол кафши дигарашро аз пояш бадар карду тарафи кафши афтидааш партоб кард. Вақте ба мақсад расид ва вориди ҷаласа шуд, тамоми ҳозирини ҷаласа ба Гандии пойбараҳна хандиданд.

Яке аз ингилисҳо гуфт:

- Оқои Ганди кафшҳоятон куҷост? Накунад қасд доред бо пойи бараҳна аз ҳуқуқи миллати худ дифоъ кунед.

Ганди ба оромӣ гуфт:

- Вақте ба иллати таъхир дунболи қатора медавидам, то худро ба инҷо бирасонам, як кафшам аз поям дар омад ва ман он як кафши дигарамро аз поям кашидам ва назди кафши дигарам андохтам, ки агар пойбараҳнае пайдояшон кард як ҷуфт кафш дошта бошад на як дона.

Сукути маргборе толорро фаро гирифт.

**Мантиқ: Оре ин аст маънии инсоният. Лозим нест якдигарро таҳаммул кунем, кофист ҳамдигарро қазоват кунем. Гоҳе Худованд мехоҳад бо дасти ту дасти дигар бандагонашро бигирад ва вақте ту дастеро ба ёрӣ мегирӣ бидон, ки дасти дигарат дар дасти Худост.**

### ҲИКМАТИ ДУЮМ

Подшоҳе ҳангоми пӯст кандани себе бо як чокуи тез ангушти худро қатъ кард. Вақте ки нолон табибонро металабид, вазираш гуфт:

- Ҳеҷ кори Худованд бе ҳикмат нест.

Подшоҳ аз шунидани ин ҳарф нороҳаттар шуд ва фарёд кашид:

- Дар бурида шудани ангушти ман чӣ ҳикмате аст? ва дастур дод вазирро зиндонӣ кунанд.

Рӯзҳо гузашт, то ин ки подшоҳ барои шикор ба ҷангал рафт ва он ҷо он қадар аз сарбозонаш дур шуд, ки ногаҳон худро миёни қабилае ваҳшӣ танҳо ёфт. Онон подшоҳро дастгир карда ба қасди куштанаш ба дарахте бастанд, аммо расми аҷибе ҳам доштанд, ки бадани қурбониҳояшон бояд комилан солим бошад ва чун подшоҳ як ангушт надошт ӯро раҳо карданд ва ӯ ба касри худ бозгашт.

Дар ҳоле ки ба сухани вазир меандешид, дастури озодии вазирро дод. Вақте вазир ба хидмати шоҳ расид, шоҳ гуфт:

- Дуруст гуфтӣ, қатъ шудани ангуштам барои ман ҳикмате дошт, вале ин зиндон рафтан барои ту чуз ранҷ кашидан чӣ фоидае дошта?

Вазир дар посухи подшоҳ лабханд зад ва посух дод:

- Барои ман ҳам пурфоида буд, чаро ки ман ҳамеша дар ҳама ҳол бо шумо будам ва агар он рӯз дар зиндон набудам, ҳоло ҳатман кушта шуда будам.

*Таҳияи*
*Ҷаҳонгир РУСТАМ*

*Холи рухсори нигор аз доғи қалби ман нишон,*
*Доғ дар дил мефизояд, холи ӯ монад ҳамон.*

Анвори дониш
№8 (273), ЧОРШАНБЕ, 16.05.2018

# ИЗҲОРОТИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА "ДИССЕРНЕТ"




Баъд аз он, ки дар сомонаҳои интернетӣ ташкилоти ҷамъиятии Федератсияи Россия бо номи "Диссернет" ҳангомае дар атрофи рисолаҳои илмии шаҳрвандони Тоҷикистон барпо кард, дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби мутахассисони вазорат ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бо мақсади санҷиши асоснок будани далелҳои ин ташкилот гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд.

Дар ин бора дар изҳороти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба фаъолияти ташкилоти "Диссернет", ки имрӯз ба унвонии АМИТ "Ховар" ирсол гардид, гуфта мешавад. Матни пурраи изҳороти Вазорати маориф ва илми ҷумҳуриро манзури хонандагони сомона мегардонем:

"Дар раванди кори гурӯҳи корӣ маълум гардид, ки фаъолият ва соҳибнуфузии худи ташкилоти "Диссернет", ки ба қавли худаш "ҳадафи мубориза бо соҳибнуфузӣ дар илмро дорад", шубҳаовар буда, ташхисҳои он ҳамчун асос барои тасмим гирифтан дар ин самт метавонанд ба роҳи хато баранд. Вобаста ба ин чанд далелро, ки аз ҳамон сомонаҳои интернетӣ оид ба фаъолияти "Диссернет" дастрас аст (нигаред ба унвониҳои https://cont.ws/@fandoorin/567790, https://eto-fake.livejournal. com/1190042.html, https://uborshizzza.livejournal.com/3012153.html, https://think-head.livejournal.com/355157 html ва ғайра), ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ пешниҳод менамоем.

Аввалан, талаботи ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ нисбат ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби "Диссернет" худсарона ба ифрот расонида шудаанд. Ин ташкилот рисолаҳои илмие, ки тибқи тартиби пешинаи Комиссияи Олии Аттестатсионии Федератсияи Россия дифоъ шудаанд, имрӯз аз рӯи талаботи тартиби нави аз ҷониби ин Комиссия муқарраргардида баррасӣ мекунад. Тибқи талаботи амалкунанда дар корҳои илмӣ бояд маводи иқтибосшуда ишора шуда, манбаи он зикр гардад. Вале ба ҳайси маводи иқтибосшуда кормандони "Диссернет" худсарона як қисми пурраи матнро баррасӣ менамоянд, ки қисмате аз он моли худи муаллиф аст. Дар баробари ин, "Диссернет" маводи дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбар ё мушовири илмӣ нашрнамудаи унвонҷӯро, ки дар илми ҷаҳонӣ ҳамчун як шакли тарбияи корманди илмӣ маҳсуб меёбад, худсарона асардуздӣ меҳисобад ва ғайра.

Сониян, ягон шахс ё ташкилоте ҳуқуқ надорад, ки рисолаҳои аз ҷониби КОА Федератсияи Россия тасдиқ нашударо кори анҷомёфтаи илмӣ ҳисоб намояд, аммо дар ташхисҳои "Диссернет" рисолаҳои илмие низ ба назар мерасанд, ки аз ҷониби худи унвонҷӯён аз баррасии КОА Федератсияи Россия бозхонд шудаанд.

Сеюм, дар хулосаҳои ташхисии "Диссернет" истифода нагардидани ин ё он манбаъ аз ҷониби унвонҷӯ ҳамчун камбудии кори илмии ӯ ҳисобида мешавад, ҳол он ки тибқи талаботи муайяннамудаи КОА Федератсияи Россия муаллифон дар интихоби манбаъҳо озодии комил доранд.

Чорум, қонунҳо, стратегия, барнома ва санадҳои дигареро, ки дар рисолаҳои илмӣ аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон истифода гардидаанд, "Диссернет" ҳамчун иваз кардани "ФР" ба "ҶТ" аз ҷониби муаллифони тоҷик меҳисобад, ҳол он ки худи санадҳои зикршуда бо истифода аз таҷрибаи Федератсияи Россия таҳия гардида, ба шароити Тоҷикистон мувофиқ гардонида шудаанд. Дар ин росто қобили зикр аст, ки тамоми қонунгузории кишварҳои пешрафтаи дунё дар асоси таҷрибаи ҳуқуқии Рими қадим бунёд ёфтааст, вале касе ин амалро асардуздӣ намеҳисобад.

Панҷум, тибқи талаботи мавҷуда танҳо мутахассисони воқеӣ метавонанд томмияти мантиқӣ ва илмияти рисолаҳои дифоъшавандаро баҳогузорӣ намоянд, на воситаҳои техникӣ. Ташкилоти "Диссернет" бо сабаби надоштани мутахассисони соҳибкасб дар ташхисҳои худ танҳо ба воситаҳои техникӣ такя мекунад, ки хилофи талаботи тамоми меъёрҳо ва намудҳои илм аст.

Ҳамзамон, қобили зикр аст, ки аз ҷониби "Диссернет" оддитарин талаботи ахлоқи илмӣ риоя намешавад. Масалан, тибқи тартиби муқарраргардида, рисолаҳои илмӣ ба таври оммавӣ дифоъ гардида, ду ё се моҳ қабл аз дифоъ онҳо тавассути сомонаҳои интернетӣ ба ҳамагон дастрас карда мешаванд, то тақризҳои худро пешниҳод намоянд. Вале "Диссернет" ягон маротиба дар ин муҳлати муқарраршуда хулоса пешниҳод накарда, рисолаҳоеро ташхис мекунад, ки даҳсолаҳо пеш дифоъ гардидаанд ва дар асоси тартиби мавҷуда ба онҳо ягон кас ҳатто ҳуқуқи апеллятсия додан ҳам надорад. Ё худ, ахлоқи ҳамида талаб мекунад, ки ҳангоми ба кори илмӣ эътирозе доштан, бояд ба муаллифи он имкон дода шавад, то андешаи худро оид ба ин эътироз иброз намояд. Вале, мутаассифона, "Диссернет" рисолаҳоеро низ ташхис мекунад, ки муаллифони онҳо кайҳо боз дар қайди ҳаёт нестанд.

Гузашта аз ин, шахсияти муассисони "Диссернет" А. Заякин, М.Гелфанд ва С. Пархоменко низ аз нигоҳи олимони рус шубҳаовар буда, онҳо на барои соҳибнуфузӣ дар илм ва расидан ба ҳадафҳои илмӣ, балки бо мақсадҳои сиёсӣ фаъолият мекунанд ва ҳар се нафар ҷонибдорони оппозитсионери бо коррупсия маҳкум гаштаи Россия А. Навалний мебошанд. Ҳамчун гурезаи хоини рус А. Родченко, ки беасос варзишгарони ин кишварро бо допинг дар сатҳи ҷаҳонӣ муттаҳам ва беобрӯ кардан мехост, мақсади "Диссернет" беобрӯ сохтани илми Россия мебошад. "Мутахассисони"-и ин ташкилотро худи олимони рус фарсахҳо дур аз илм дониста, масалан, яке аз онҳо Козляковро ҳамчун "ҷунунӣ", дигарӣ - Ерусалимскийро чун "масхарабоз" ва сеюмӣ - Бабитскийро ҳамчун "инсони кӯчагӣ" ҳисобидаанд.

Чунонки маълум аст, арзиши муҳимтарин дар ахлоқ ё этоси илм ин беғаразӣ аст, ки хизмат ба ҳақиқатро мақсади асосӣ гузошта, ҳадафҳои дигарро (манфиати пулию молӣ, шарафёбӣ ва ғ.) чандон муҳим ва умуман зарурӣ ҳам намешуморад. Вале маблағгузории "Диссернет" хеле махфӣ буда, бо воситаи ҳамёни яндексӣ аз ҷониби хоҳагони дохилию хориҷӣ пур карда мешавад. Кормандони "Диссернет" тавассути таҳдидҳои (шантажҳои) диссертатсионияшон ба ришваситонӣ низ машғул мегарданд. Аз ҷумла, як корманди ин ташкилот, ки худ риёзидон аст, аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар яке аз шаҳрҳои музофотии Россия барои гузаштани машғулиятҳо аз фанни "Омор" маблағи калоне талаб кардааст, вале ҷавоби рад гирифта, бо нашри мавод дар саҳифаи "Диссернет" оид ба корҳои илмии омӯзгорони ин таълимгоҳ қасди худро гирифтааст.

"Диссернет" яке аз шарикони ташкилоти барномасози "Анти-Плагиат" буда, хизматрасониҳои онро, ки солиёни охир маблағаш хеле боло рафтааст, бо ҳар роҳ, аз ҷумла бо ташхисҳои худ, таблиғ мекунад. Ҳамзамон, "Диссернет" ба таври ғайриқонунӣ ба бойгонии Китобхонаи давлатии Россия дастёб гардида, маводи онро ғайри қонунӣ ба савдо гузоштааст.

Ҳамаи ин далелҳои оварда, ки ба қавли худи мардуми рус "паҳлӯи дигари медал"-ро оид ба фаъолияти ташкилоти ҷамъиятии Федератсияи Россия бо номи "Диссернет" танҳо аз ҷиҳатҳои манфӣ муаррифӣ месозанд ва беғаразии онро дар ташхисҳои илмӣ инкор менамоянд, имкон намедиҳанд, ки дар асоси хулосаҳои он нисбат ба рисолаҳои илмии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмими дурусте гирифта шавад. Аз ин рӯ, мо бояд рисолаҳои зикршударо бо қувваи мутахассисони худи кишвар мустақилона аз нав ташхису баҳогузорӣ карда, ба хулосаҳои "Диссернет" ҳамчун ба даъвое, ки заминаи илмию ҳуқуқӣ надоранд, муносибат намоем".

***Маркази матбуотии ВМИ ҶТ***

# ТОҶИКИСТОН ВА ӮЗБЕКИСТОН: ДУ ДАВЛАТУ ЯК ФАРҲАНГ



*Иззатулло ОДИНАЕВ,*
*магистранти соли 2-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*

Бузургтарин дастоварди инсон фарҳанг буда, ин омили муҳимест, ки қавму миллатҳо ва кишварҳоро ба ҳам мепайвандад ва равобити мамлакатҳоро равнақ бахшида, дар таҳкими риштаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои бародарона нақши муҳим мебозад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар баромадҳо ва паёмҳои худ оид ба рушду нумӯи соҳаи фарҳанг ва ҳунару анъанаҳои мардумӣ суханони воло баён мекунад. Дар яке аз баромадҳои худ Пешвои миллат чунин таъкид намуда буд: "Фарҳанг аз назари ман, оинаест, ки дар он тамоми паҳлӯҳои зиндагӣ акс меёбад. Ва ин мизони дақиқу беминнат сатҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии зеҳни ҷомеаро дар давраҳои гуногуни таърих инъикос карда, сатҳи ҳар халқу миллатро дар рушди тамаддуни башарӣ муайян менамояд".

Ҳамаи ин фидокориҳо ва кӯшишҳои бевоситаи сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар феҳристи ғайримоддии ЮНЕСКО се намунаи фарҳанги ғайримоддии миллати тоҷик сабт шудаанд. Инҳо: "Шашмақом" (соли 2008, ҳамроҳ бо Ӯзбекистон), "Оши палав ҳамчун хӯроки анъанавӣ ва фазои иҷтимоию фарҳангии он дар Тоҷикистон" (2016) ва "Наврӯз" (2016, ҳамроҳ бо Афғонистон, Эрон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Ироқ, Покистон, Туркия, Туркманистон ва Ҳиндустон). Бояд қайд кард, ки аз инҳо "Шашмақом" ва "Наврӯз" бевосита дар якҷоягӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки мардуми ин ду миллат аз қадим бо ҳам дӯсту бародаранд.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 22 октябри соли 1992 барқарор гардида бошанд ҳам, дӯстию рафоқати халқҳо таърихи қадим ва бою рангин доранд. Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дорои фазои бузурги фарҳангӣ-гуманитарӣ, сарҳади умумӣ ва робитаҳои инкишофёфта буда, метавонанд рафтуомади озоди аҳолӣ ва маҳсулоту хизматрасониҳоро фароҳам оранд, барои инкишофи таъсирбахши соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ҳар ду давлат мусоидат намоянд ва иқтидори транзитии якдигарро барои баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ истифода баранд.

Мавриди зикри хос аст, ки тайи рӯзҳои охир бо талошҳову ташаббусҳои неки сарони давлатҳо наздики 10 гузаргоҳи сарҳадӣ кушода шуданд, ки мардуми ташнаи дидорро ба visoli дӯст, хешу табор ва ҳамсояи нек расонданд.

Баргузории Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили намоиши маҳсулоти корхонаҳои саноатии Тоҷикистону Ӯзбекистон ва форуми соҳибкорону тоҷирон дар давлатҳои ҳамдигар, инчунин ба роҳ мондани хатсайри ҳавоӣ дар масири Душанбе-Тошканд аз муҳимтарин иқдомҳои Сарони ҳар ду давлати дӯсту бародар ва ҳамсояи наздик дар як соли охир арзёбӣ шуд, ки дар таҳкими муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангиву инсонӣ нақши муассир гузоштаанд.

Яке аз рӯйдодҳои муҳими таърихӣ барои ин ду миллати бо ҳам дӯсту бародар сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев мебошад. Дар таърихи рӯзи 09.03.2018 Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Меҳмони олиқадрро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гарму самимӣ истиқбол гирифт. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёевро самимона хайрамақдам гуфта, изҳори итминон намуд, ки сафари аввалини ӯ ба Тоҷикистон дар маснади Сарвари давлат ба рушди тамоми маҷмӯи муносиботи ҳамкории ду кишвар такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Бо боварӣ гуфта метавонем, ки акнун мардумони Тоҷикистону Ӯзбекистон бо шарофати сиёсати неку ояндадор ва бобарору сулҳофари Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев аз ин пас ҳам дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамсоягии нек ва дигар ормонҳои чандинасраи хеш зиндагӣ мекунанд.

Дар мулоқоти расмӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо меҳмони олиқадр Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев иброз дошт, ки "...халқҳои мо, новобаста аз мушкилоти зиёд ва рӯйдодҳои таърих, ҳамеша барои ҳифзи анъанаҳои неки дӯстӣ ва бародарӣ талош меварзиданд ва беҳтарини онҳоро то имрӯз нигоҳ доштаанд". Инчунин дар идомаи суханронӣ Пешвои миллат таъкид намуд, ки "...дар воқеъ, тоҷикон ва ӯзбекҳо ҳамеша ба таҳкими риштаҳои дӯстию бародарӣ кӯшиш мекарданд ва садоқати худро ба ин арзишҳо собит намуданд. Намунаи возеҳи ин гуфтаҳо муносибатҳои дӯстона ва бародаронаи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишер Навоӣ мебошанд". Ба қавли устод Айнӣ, "Ҷомию Навоӣ дар атрофи масъалаҳои асосии замон баробар фикр карда, дар роҳи ҳалли ин масъалаҳо бо маслиҳату дастгирии якдигар баробар мубориза мебурданд ва неруҳои пешсафи ҷомеаро барои иштирок дар ин мубориза даъват менамуданд. Чунин ҳамбастагӣ ба фаъолияти эҷодию илмӣ ва ҷамъиятии онҳо, аз ҷумла ба фаъолияти сиёсии Навоӣ таъсири бузург дошт". Бо дарҷи далелҳои фавқ дар маҷмуъ метавон гуфт, ки Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар бахши равобити фарҳангӣ на дар сухан, балки дар амал шарики воқеӣ буда, ин равобит ифодагари манфиат ва ояндаи неки ду кишвари ҳамсоя ва бародар мебошад.

*Шаб ба кӯйи дилбарам чун хуни дар ҷӯшам кашид,*
*Дасти ғайб омад, маро аз нармии ғӯшам кашид.*



***Дар зери суханронии Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саид Нуриддин Саид дар ҷаласаи васеи вазорат дар Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Кӯлоб, 05.05.2018***

# ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОК: БАРХӮРДИ НАВИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТ



*Ҷумъахон АЛИМӢ,*
*доктори илми филология, профессор,*
*мудири кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он*

Ҳоло башарият дар вазъу ҳолати ҷаҳонигардӣ (глобализатсия), таҳаввулоти васоити коммуникатсионӣ қарор дорад, ки тарзи зисти мо, муошират ва тафаккурро тағйир дода, талаботҳои наве нисбати низоми таҳсилот пешниҳод мекунад. Оянда вобаста ба қобилияту тавоноии дарку фаҳми консепсияҳои нав, интихоби дурусту бошуурона, таҳсили идоманок ва созгор будан нисбати шарту шароитҳои тағйирёбанда тӯли тамоми умр мебошад. Наслҳои нави компютерҳо, шабакаи ҷаҳонии Интернет тағйири нақшу мақоми шахсияти инсонро нисбати рушди ҷомеа муайян кардаанд. Роҳе, ки инсоният иттилотро эҷод, ташаккул, ҳифзу нигоҳдошт ва интиқол медиҳад, тағйир ёфтааст, биноан, шаклҳои муошират, таълиму таҳсил ва кору фаъолият низ тағйир ёфтаанд.

Тамоюлҳои рушди тамаддуни замони нав талаботҳоро нисбати таҳсилот муайян мекунанд. Таҳсилот фақат дар сурате самаранок мегардад, ки он барои қаноат кунонидани талаботҳои замони нав имконпазир бошанд, биноан, дар замони муосир ҳадафи таҳсилот дар тамоми олам қаноатмандии талаботи иқтисодиёт ва ҷомеа мебошад. Вобаста ба ин, салоҳиятҳои бештар ҳадафманд, зарфияту тавоноии инсонҳо дар ташаккули иқтисоди нави донишҳо малакаҳои дастрасӣ ба донишҳо, истифодаи онҳо, бандубаст, тасниф ва афзоиши онҳо мебошад.

Иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун иқтисоди давлатҳои мутараққӣ талабот ба инсонҳое дорад, ки метавонанд бо донишҳо сари кор гиранд, донишҳоро ба предмети кори ҳадафмандона мубаддал гардонида тавонанд, дар ҳолати номуайянӣ рафтору кирдори худро ба маҷрои дуруст дароварда тавонанд, ба гузориши масъала қодир бошанд, ҳаллу фасли онро ба нақша гирифта тавонанд, усулҳои коркарди стратегияҳоро муқаррар кунанд. Талаботҳои замон муосиргардонию навсозии низоми таҳсилотро тақозо менамоянд.

Мафҳуми "салоҳият", "салоҳиятнокӣ" ба низоми истилоҳоти педагогӣ ворид шуда, фармоиши иҷтимоии ҷомеаро нисбати натиҷаҳои таҳсилот муайян кардааст. Нақши раванди таҳсилот зимни бархурди салоҳиятнок ҳамчун тайёрию омодагии ҳадафмандонаи инсон нисбати худомӯзӣ мебошад. Биноан, раванди таҳсилот бояд ба мудирияти худомӯзии шахсият, ба эҷоди шарту шароитҳои дохилӣ барои ташаккули шахсият, қобилияти мустақилона тарҳрезии нақшаҳои ҳаётии шахсӣ ба воситаи худомӯзӣ мебошад. Бархурди салоҳиятнок зимнан имкон фароҳам меорад инсон барои ҳаёт дар шароити тағйирёбӣ ва рушди доимӣ тайёру омода бошад ва чунин таъйинотро пешкаш менамояд: Салоҳият ва салоҳиятнокӣ - сифати инсон аст, ки зинаи таҳсилоти муайянро хатм кардааст ва дар омодагии ӯ барои кору фаъолияти муваффақона ифода меёбад.





Бо қарори ЮНЕСКО вазифаҳои муҳимтарини таҳсилот дар асри XXI муайян карда шудаанд, ки ҳаллу фасли онҳо барои омӯзонидани ҳар як муҳассил барои идроку маърифат (омӯхтани омӯзиш); амал кардан (омӯхтани ҳаллу фасли мушкилоти эҳтимолӣ); амалкарди мутақобила (омӯзиши барқарор намудани муносибат бо инсонҳо ва ҳам бо муҳити атроф); худтакмилдиҳӣ (омӯзиши рушди шахсиятӣ). афзалияти асосии сифати нави таҳсилот салоҳият аст, ки он имрӯз нишондиҳандаи муваффақнокии таълим мебошад ва имкон медиҳад, ки омодагии хатмкунанда барои иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷомеа муайян карда шавад. Фармоиши давлатии иҷтимоӣ нисбати хатмкунандагон ташаккули чунин салоҳиятҳоро пешбинӣ мекунад: - омодагӣ нисбати ҳалли проблемаҳо; -омодагӣ нисбати фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ; - омодагӣ нисбати муошират; - омодагӣ нисбати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ; - омодагӣ нисбати амалкарди мутақобилаи иҷтимоӣ; - омодагӣ нисбати масъулият оид ба Ватан; - омодагӣ нисбати худтакмилдиҳӣ; худмуайянкунӣ ва худтатбиқкунӣ.

Салоҳиятнокӣ - ин натиҷаи таҳсилот ба маънии васеи калима аст, он дар худ натиҷаҳои дигари таҳсилотро фаро гирифта, сифати шахсӣ маҳсуб аст ва имкон медиҳад, ки барои муваффақ шудан ба ҳадаф захираҳои дохилӣ истифода гарданд. Ин донишҳо, яъне маълумотҳои аз худшуда, малакаҳо (амалҳои то автоматизм расида) мебошад; салоҳиятнокӣ (воситаҳои азхуд шудаи фаъолият); низоми арзишҳо, меъёрҳо, муносибатҳо, ангезаҳо ва ҳам захираҳои беруна - сарчашмаҳои иттилоот, васоити муошират, васоити моддӣ-техникӣ ва ғайра мебошанд.

Дар давраи муосиргардонии мазмуну муҳтавои таҳсилот яке аз мавзӯъҳои муҳимтарин таълими салоҳиятнок мебошад. Вижагии он натиҷаи асосии фаъолияти муассисаи таҳсилотӣ мебошад, ки он ҷо на низоми донишҳо, малакаҳо, балки маҷмӯи салоҳиятҳои калидии муҳассил дар соҳаҳои интеллектуалӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва ғайра фаҳмида мешавад.

Таълими салоҳиятнок: -методи моделиронии натиҷаҳои таълим ва пешкашии онҳо ҳамчун меъёри сифат; - маҷмӯи усулҳои умумӣ; -муайян кардани ҳадафҳои таҳсилот; -интихоби мазмун ва муҳтавои таҳсилот;-ташкил ва созмондиҳии раванди таҳсилот; -арзёбии натиҷаҳои таҳсилот аст. Фарқ кардани таълими салоҳиятнок аз таълими суннатию анъанавӣ муҳим аст. Бархурди салоҳиятнок - ин маҷмӯи усулҳои умумии муайян кардани ҳадафҳои таҳсилот, интихоби мазмуни таҳсилот, ташкили раванди таҳсилот ва арзёбии натиҷаҳои таҳсилот мебошад. Аз мавқеи бархурди салоҳиятокӣ дараҷаи маълумотнокӣ ба воситаи қобилият ва тавоноии ҳалли проблемаҳои гуногуни мураккаб дар асосу заминаи донишҳои мавҷуда; ба сифати натиҷаҳои ниҳоии таҳсилот рушди сифатҳои шахсӣ ва қабл аз ҳама сифатҳои ахлоқию маънавӣ, ташаккули низоми арзишҳо дониста мешаванд.

Вижагиҳои асосии таълими салоҳиятнок чунинанд: -илм ҳамчун асосу заминаи мазмуни таҳсилот ба сифати дастовардҳои умумибашарии таҷрибаи ҳалли проблемаҳо баррасӣ ва арзёбӣ карда мешавад; - омӯзиши асосҳои илм - воситаи усулҳои тафаккури илмӣ дониста мешавад; -омӯзгор саволҳои "Барои чӣ?" ва "Чи гуна?" гузошта, ба онҳо ҳамроҳ бо муҳассилин ҷавоб мегӯяд; -методҳо ва шаклҳои таълим ҳамчун васоити мустақили муваффақшавӣ ба ҳадафҳои муайяни педагогӣ дониста мешавад. Масалан, шаклҳои гурӯҳии кору фаъолият ба вазифаҳои ташаккули малакаҳои кор дар ҳамкорӣ тобеъ гардонида мешаванд; - истифодаи донишҳо ба малакаҳо вобаста ба вазъу ҳолатҳои ҳаётӣ оварда мешаванд; -натиҷаи асосии таълим - таҷрибаи бошууронаи фаъолият аст; - қаринаи ҳаётӣ ва ташаккули таҷрибаи ҳаётӣ ба доираи раванди таълим ҳамчун ҷузъу унсурҳои муҳими он ворид карда мешаванд; -таҷрибаи ҳалли вазифаҳои ҳаётӣ таҷаммуъ ва бошуурона дарк карда мешавад; -қобилияти истифодаи маҷмӯи воҳидҳои дидактикӣ дар вазъу ҳолатҳои гуногун баррасӣ ва арзёбӣ мегардад; -муассисаи таҳсилотӣ инсонро барои ҳалли проблемаҳои мушкилии ҳаётӣ омода месозад; - муассисаи таҳсилотӣ инсонро барои мустақилона андеша ва рафтор кардан меомӯзонад.



Барои таълими ғайрисалоҳиятнок чунин ҷанбаҳо хосанд: -илм ҳамчун асосу заминаи мазмуни таҳсилот ба сифати маҷмӯи далелҳо, мафҳумҳо, қонунҳо ва назарияҳо баррасӣ мегардад; -омӯзиши асосҳои илм ҳадафи асосӣ ва худкифояти раванди таълим баррасӣ мегардад; -омӯзгор саволҳои "Чӣ?" ва "Чаро?" гузошта, ҳамроҳ бо муҳассилин ба онҳо ҷавоб мегӯяд; -методҳо ва шаклҳои таълим ба мазмуни таълим тобеанд; -истифодаи донишҳо ва малакаҳо бо вазъу ҳолатҳои таълимӣ маҳдуд мегарданд; - натиҷаи асосии таълим - донишҳо, малакаҳо ва арзишҳо мебошанд; -таҷрибаи ҳаётии муҳассилин берун аз раванди таълим ташаккул меёбад; -таҷрибаи ҳалли вазифаҳои таълимӣ таҷаммуъ гашта, дарку фаҳм мегарданд; -маҷмӯи воҳидҳои дидактикӣ арзёбӣ мегардад; -муаасисаи таҳсилотӣ инсонро аз ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаётӣ дур мебарад; - муассисаи таҳсилотӣ инсонро бо такя ба хотираи худ кардан омода месозад.

Аммо вазифаи муҳимтарини муассисаи таҳсилотӣ дар шароити таълими салоҳиятнок - омӯзонидани муҳассилин ба андешаронӣ ва дар асосу заминаи тафаккур самаранок амал кардан дар ҷаҳони муосир мебошад.

Салоҳиятҳои заминавӣ - омодагии муҳассилин нисбати иҷроиши нақш дар ҳаёти болиғ, омодагӣ барои иҷроиши нақши созандаи шаҳрванд ва идомаи таҳсил тӯли тамоми ҳаёт аст.

Салоҳиятнокӣ - омодагӣ нисбати фаъолияти муваффақона, қобилияти самаранок сафарбар намудани захираҳои дохилию берунӣ барои муяссаршавӣ ба ҳадафаи пешбинишуда. Ба ибораи дигар салоҳиятнокӣ - натиҷаи таҳсилот аст, ки дар азхудкунии воситаҳои ҷомеаи фаъолият тавассути муҳассилин нуҳуфтааст.

Ҳамин тариқ, рушди бархурди салоҳиятнок дар таҳсилот анъанаи қариб нимасра дорад ва проблемаи салоҳиятнокӣ ҳам дар ростои талаботҳо нисбати таълими шахсият ва ҳам омодагии касбии мутахассисон дар маҷмӯъ рушд мекунад.

# МУШКИЛОТИ ИМРӮЗАИ ЭКОЛОГӢ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОНҲО

Ба ҳама маълум аст, ки инсоният аз рӯзи пайдошавиаш то ҳол, махсусан дар асри XX қариб 70% ҳамаи экосистемаҳои табиро дар сайёраамон истифода бурда нест кардааст. Ҳоло ҳам, ки бошад ин гуна амалиёт ва муносибат ба табиат идома ёфта истодааст. Бар замми ин аз тарафи инсоният боз ҳар рӯз миқдори ниҳоят зиёди (миллионҳо тонна) партовҳои гуногун ба замин, об ва ҳаво партофта мешаванд, ки эҳтимол сабабгори дар даҳсолаи оянда ба вуҷуд овардани фалокатҳои глобалии экологиро ба миён оварад. Сабабҳои ба вуҷуд овардан пеш аз ҳама инҳоянд:

- гармшавии глобалии иқлим:
- камшавӣ ва оҳиста-оҳиста нестшавии гуногунии биологӣ:
- камёфт ва паст шудани сифати оби ошомиданӣ:
- биёбоншавӣ ва таназзулёбии замин:
- аз меъёр зиёд буридани ҷангалзору бутазорҳо:
- ифлосшавии атмосфера:
- ва ниҳоят зиёдшавии партовҳо ва ғуншавии онҳо:

Баҳисобгирию тадқиқотҳои гузаронидашуда дар кишварҳои олам нишон медиҳанд, ки дар Сайёра ҳар сол зиёда аз 11 миллион гектар ҷангалзорҳо нест карда мешаванд. Агар дар соли 1950 масоҳати ҷангалзорҳо 15% хушкиро ташкил медод, ҳоло бошад 7%-ро ташкил медиҳад. Сайёраамонро хавфи калон - маҳрум гаштан аз яке аз манбаҳои асосии кислород дар даҳсолаи оянда таҳдид карда истодааст.

Шумораи манбаҳои ғуншавии партовҳо мунтазам меафзоянд. Хулосаҳои мушаххаси дар ин самт баровардашуда моро огоҳ месозад, ки агар чораҳо дар ин соҳа андешида нашаванд, ҳолати экологии сайёра ниҳоят мураккабу вазнин хоҳад гардид.

Ҳар сол дар атмосфера қариб 20 миллиард тонна газҳои туршу ғализ ва бухоршаванда партофта мешаванд. Ин газҳо дар фазои коинот шуодиҳии гармиро ба монеа дучор карда, ба баландшавии иқлим мусоидат мекунанд ва дар миёнаҳои асри оянда нисбат ба ин рӯз ҳарорати ҳаво дар сайёра 2-5 градус баланд хоҳад гардид. Дар атмосфера ғуншавии шумораи зиёди моддаҳои заҳрнок, инчунин аз ҳисоби партовҳои нақлиёти автомобилӣ ҳам сол аз сол меафзояд. Ҳар як чорӯм истиқоматкунандаи замин аз дастрас намудани оби тозаи ошомиданӣ маҳрум аст. Қисми зиёди аҳолии Сайёра бошад аз обҳои сифаташон паст ва шубҳанок истифода мебаранд.

Аз ибтидои асри VII то ибтидои асри XXI замин аз худ 63 намуди ҳайвоноти ширхӯр, 94 намуди парранда ва 250 намудҳои дигари ҳайвоноти мӯҳрадорро гум кард. Имрӯз ҳам ки бошад, нестшавии организмҳои зинда хавфи оқибаташ фоҷиавиро ба миён овардааст. Ҳар рӯз ба ҳисоби миёна нестшавии 3 намуди растанӣ ва ҳайвонот ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳар сол дар рӯи Замин 6 миллион гектар заминҳои истифодашаванда ба биёбон табдил меёбад, 20 миллиард гектар замин ҳосилнокии худро гум карда истодааст. Сахара ба тарафи ҷануб ҳар сол 30 миллион ба пеш ҳаракат карда истодааст.

Ин мисолҳои дар боло зикргардида аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мо то ин рӯз моҳияти зист ва захираҳои онро аз меъёр зиёд истифода бурдем, ба исрофкории беандоза роҳ додем, аз ҳисоби ҳаққи насли ояндаамон захираҳои табииро барои худ истифода кардем. Ин гуна муносибат ба муҳити зист ба он овард, ки мувозинати экологӣ дар табиат коҳиш ёфта рӯ ба таназзул ниҳодааст. Чунин вазъи ногувори экологии бавуҷудомадаро ба ҳисоб гирифта Ҷесси Ҷексон олими амрикоӣ қайд мекунад, "Мо ё камиистифодабарӣ, такрористифодабарӣ ва барқарорсозию аз нав истифодабарии захираҳои табииро дуруст ба роҳ мемонем, ё ин ки бе маҳал аз рӯи замин нест мешавем". Гарчанде Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси байналмилалӣ аз ҷиҳати масоҳат як давлати ҷавон бошад, ҳам лекин дар масъалаҳои беҳдошти муҳити зист, солимнигоҳдорию самаранок истифодабарии захираҳои табиӣ корҳои шоёнеро ба ҷо оварда истодааст. Дар тӯлии 27 соли истиқлолияти давлати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зиёда аз 70 Қонуну санадҳои ҳуқуқӣ, барномаҳову консепсияҳо, стратегияву нақшаҳои миллии амал оид ба ҳифз ва оқилона истифодабарии захираҳои табиии кишварро қабул намудааст. Муносибатҳои ҳамкории экологии байналмилалии Ҷумҳуриямонро васеъ намуда, аъзои фаъоли 10 Конвенсияҳои байналмилалии доир ба проблемаҳои гуногуни ҳифзи муҳити зист гардидааст.

Аммо ба ҳамаи ин диққату ғамхори ва азму талошҳо баҳри беҳдошти муҳити зист нигоҳ накарда, таъсирот ҳоло ҳам, ки бошад ба он дар бисёр ҳолатҳо ғайри одилона аст.

Сабаб он аст, ки мо ба муҳити зист бо ақлу заковат, меҳрубононаву дилсӯзона муносибат намекунем. Агар мо чуқуртар фикру андеша кунем, дарк мекунем, ки одам ва табиат бо ҳам хеле зич алоқамандӣ доранд ва онҳо бо таъсири якдигар бояд ҳастии худро нигоҳ доранд. Лекин дар фаъолияти инсон нисбат ба табиат мо мебинем, ки бисёр бераҳмию беадолатӣ содир мешавад. Аз тарафи дигар агар андеша намоем, дар амалҳои инсон аломати хиёнаткорона, бадхоҳона ва ғоратгарона нест. Вай бо мақсади талаботҳои ҳаррӯзаи худро қонеъ гардонидан, зиндагии осудаҳолонаи худро ба роҳ мондан мехоҳад сӯзишворӣ, хӯрока, пушока ва дигар маводҳои рӯзгузаронии худро дошта бошад ва ӯ баркастона нею танҳо барои талаботи худро қонеъ гардонидан бо хӯроки муқаррарию болаззат, оби тозаи ошомиданӣ, либоси зебо, манзили истиқоматии бофароғат, нақлиёт ва дигар чизу воситаҳои беҳдоштгардонии сатҳи зиндагӣ таъсироти худро ба муҳити атроф мерасонад.

Ба ҳамаи мову Шумо маълум аст, ки вилояти Хатлон, алалхусус минтақаи Кӯлоб табиати басо рангину дилраборо дорад. Данғараву Фархор, Муъминободу Даштиҷум, Сари Хосору Сари Чашма, Ховалингу Балҷувон барин мавзеъҳояш ҳар як бинандаро мафтун месозад. Ҳайвоноту набототаш хазандаву паррандаҳояш ва ҷангалзорҳояш зебу зиннати Кӯлоб гардидаанд. Аз ин ҷост, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-июли соли 2002 таҳти рақами 276 Барномаи маҷмӯи рушди ноҳияи Балҷувон ба сифати минтақаи туризми байналмилалӣ дар солҳои 2002 - 2012-ро қабул намудааст.



Вазифаи ҷонии ҳар кадоми мост, ки ин табиати афзундаву муъҷизаофарро муҳофизат намоем. Бинобар ин, пеш аз ҳама дар шуури одамон маърифати экологиро баланд бардорем. Яке аз ҷабҳаҳои тарбияи донишҷӯёну хонандагон ин таълими экологӣ мебошад, ки дар барномаи фанҳои зиштшиносӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Барои ташаккули одоб, шавқу ҳавас ва маърифати экологию табиатдӯстии ҷавонон ба устодони мактабҳои олӣ, коллеҷҳо ва омӯзгорони мактабҳои миёна таҳсилоти умумӣ лозим аст, ки роҳу усулҳои воситаҳои муҳими тарбиявиро ҷустуҷу карда, тадбиқи амалии онҳоро дар ҷараёни таълим самаранок истифода баранд.

Чи тавре, Фридрих Энгельс қайд карда буд, "Инсон-фарзанди азизтарини табиат аст".

Аз ин лиҳоз, ҳар як ашхоси бошуури бомаърифат бояд табиатро дӯст дорад ва боигариҳои онро эҳтирому муҳофизат кунад. Ҳақ бар ҷониби табиатдӯсту табиатшиносӣ рус М.Пришвин мебошад, ки оиди табиату ҳифзи он чунин гуфтааст : "Мо соҳиби табиати худ ҳастем ва он барои мо махзани офтоброи мемонад, ки пур аз ганҷинаи ҳаёт аст. Ин ганҷи беҳоҳро ҳифз кардан кам аст. Дари онро кушодан ва намоиш додан лозим аст. Ба моҳи об, ба парранда ҳаво, ба ҳайвони ваҳшӣ бешазору кӯҳсор, ба одам Ватан лозим. Пас, ҳифзи табиат ҳифзи Ватан аст".

Ташаккули шавқи ҳавас ба маърифати экологӣ, ташвиқу тарғиби ҳамаҷонибаи масъалаҳои муҳофизати табиат, сарвату боигариҳои он, солимгардонии муҳити зист, ташкили дарсҳои иловагӣ , машғулиятҳои факултативӣ, курсу семинарҳо ба мақсад мувофиқ мебошанд .

Илова бар ин, барои бедор ва пойдор намудани ҳисси табиатдӯстӣ, нигоҳубин ва ҳифзи табиат, оламн набототу ҳайвонот, ташаккули шавқу завқ, одобу маърифати экологӣ дар ниҳоди хонандагону донишҷӯён, ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ -маҳфилҳои фаннӣ, шабнишиниҳои биологӣ, конференсияҳои илмӣ методӣ, озмуну олимпиадаҳо, сайру гаштҳо, ҷалб намудани ҷавонону наврасон дар корҳои кабудизоркунӣ аз аҳамият холӣ нестанд.

Олими шинохтаи биология В.А.Бобоҷонов дар китоби худ овардааст: "Асри XX - асри таззодҳоест, ки ба табиат ва ҷамъият як қатор кашфиётҳои бузург, хурсандию хушбахти, фалокату фоҷиа овард". Ин дар ҳақиқат ба ҳамагон маълум аст. Инсоният дили осмонро шикофта ба кайҳон баромад, дар моҳ қадам зад. Кашфиётҳои одам ба дараҷаи ҳайрангез расида аз худаш пеш гузошта истодааст. Ҳамаи ин тараққиёту кашфиётҳои хиради инсон дар доираи табиат муҳити зист проблемаҳои нав ба навро ба вуҷуд оварданд ва оварда истодаанд. Зеро оқилона ба табиат муносибат кардан, ва чун гавҳараки чашм муҳофизат кардани он ин ҳифзи ҳаёти заминиён аст.

Аз ин ваҷҳ масъалаи муносибати инсон бо табиат торафт ҷиддитару умдатар мегардад, ба баланд бардоштани тарбияи экологӣ дар ҷомеа зарурият бештару васеътар мешавад. Бояд таззакур дод, ки дар байни кишварҳои олам Тоҷикистон кишварест, ки аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҷуғрофӣ дорои манзараҳои бойи табиӣ ва мавзеҳои гуногуни биологӣ мебошад. Дар ноҳияҳои кӯҳсори он 0,66%-и ҳайвонот ва 1,8%-и растаниҳои гуногуни ҷаҳон, аз он ҷумла пешгузаштагони ваҳшии ҳайвоноти хонагӣ ва растаниҳои зироатӣ маскан доранд. Дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон беш аз 9 ҳазор намуди наботот ва 13 ҳазор намуди ҳайвонот ва ҳашаротҳо сукунат доранд.

Аҳолӣ меваи буттаҳои худрӯй, даҳҳо намуд растаниҳои доруворию ҷамъоварӣ мекунанд. Олами набототи Тоҷикистон бо басо гуногунии аслӣ, экологӣ ва анвои ғаниву рангини фавқулода фарқ мекунад. Муҳофизат намудани онҳо фақат дар шароити зисти табиии онҳо мумкин аст, зеро маҳали густариши онҳо маҳдуд мебошад.

Дар шароити имрӯза бошад протсесси комёбгардии онҳо амалан дар ҳама ҷо мушоҳида мешавад. Аз таркиби фаунаи рӯизаминии Тоҷикистон дар давоми 50 соли охир бабри туронӣ ва баъзе дигар намудҳои ҳайвонот нест шуданд, 5 намуди ҷонварони сумдор (морхур, гавазни бухороӣ, архар, чирак, гурм), 6 намуди даррандаҳои ширхор (шерпаланг, мири мушон, хаз, сагобӣ, кафтар, юз) миқдоран хеле камёфт шуданд. Аз 37 намуди парандагони нодир дар вазъи аз ҳама ногувор селаи Шоҳин, дуғдоғ, доскул, моҳихӯрак, сачаи тибетӣ, товусак, кабудак ва қози кӯҳӣ мебошанд.

Ҷойҳои рӯшди инкишофи растаниҳои нодир Сич ва Марвак зери обанбори Норак мондаанд. Дар Тоҷикистон захираҳои биологӣ фаровон истифода мешавад. Аз ҳама бештар захираи беша истифода мешавад. Дарахтбурии ҳарсола дар масоҳати тақрибан 6 ҳазор га рух медиҳад. Дар ҳама ҷо дарахтбурии ғайриқонунӣ мушоҳида мешавад. Нодиртарин растаниҳо ва ҳайвоноту парандагон нобуд ва садҳо гектар заминҳои корам гирифтори камҳосилию беҳосилӣ мегарданд.

Партовҳои гуногуни истеҳсолот, саноатӣ ва маишии аҳолӣ вазъи экологии муҳити зистамонро коста мегардонанд. Аҳолӣ партовҳои рӯзгорашро ба кӯчаҳо, дар байни маҳаллаҳо, лаби ҷӯю каналҳо бароварда мепартояд, ки дар фаслҳои гарми сол ба пайдошавию паҳншавии касалиҳои гуногуни сироятӣ сабаб мешавад. Дар шаҳру ноҳияҳои минтақа аз ҳама чизи ҳаётан зарур - об исрофкорона ҳам аз тарафи аҳолӣ ва ҳам аз тарафи кишоварзон истифода мегардад.

Хулоса, ҳифз намудани муҳити зист дар ҷумҳурӣ, алалхусус дар минтақаи Кӯлоб ба таври ҷиддӣ беҳбудиро талаб мекунад.

Ин гуна ҳолатҳо аз он дарак медиҳанд, ки ҳоло ҳам аҳолии ҷумҳурии мо муносибати худро нисбат ба табиат, захираҳои он, солим нигоҳдории муҳити зист чандон дигар накардааст. Аз тарафи ташкилоту мақомотҳои марбут, воситаҳои ахбори омма корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ баҳри иҷрои Барномаи давлатии маърифат ва тарбияи экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазаму мақсаднок ба роҳ монда нашудааст. Дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ омӯзиши фанни экологияи ба таври бояду шояд ҷараён нагирифтааст.

Ин фанро ба хонандагон кадрҳои ихтисосманд намеомӯзонанд. Дар мактабҳои шаҳру ноҳияҳо ин фанро як қисм муаллимони химияю биология дарс диҳанд, қисми зиёди дигари омӯзгорони ин фан бошанд муаллимони тарбияи ҷисмонӣ, физика, математика, таърих ва география ва муаллимони дигар фанҳо мебошанд.

Дар мактабҳои олӣ, коллеҷу омӯзишгоҳҳо ҳам сатҳи дониши ҷавонон пурра ба талабот ҷавобгӯ нест. Базаи техникии ин фан бошад, чи дар мактабҳои миёна, чи дар коллеҷу омӯзишгоҳҳо ва чи дар мактабҳои олӣ мустаҳкам нест. Ба ғайр аз гузаронидани машғулиятҳо дар онҳо дигар машғулиятҳои берун аз синфию берун аз мактабӣ, шабнишиниҳо, викторинаҳо ва конференсияҳо оид ба проблемаҳои экологӣ қариб гузаронида намешаванд, ба ғайр аз чорабиниҳое, ки бахшида ба рӯзи Замин, Рӯзи байналхалқии ҳифзи муҳити зист, "Тирамоҳи зарин", аксияҳои "Тозагии маҳал", "Тозагии соҳил", ки ин ҳам бошад бо ташаббуси мақомотҳои ҳифзи муҳити зист, Марказй корҳои беруназмактабии шаҳру вилоятро ва ташкилотҳои ҷамъиятии "Патрулҳои сабз", "Пайванди ҷавонон" ташкил карда гӯзаронида мешаванд.

Бояд қайд кард, ки маърифат ва тарбияи экологӣ дар кадом шаклу мазмуне, ки гирем ҳам дар байни аҳолӣ ва ҳам дар байни наврасону ҷавонон беҳбудиро талаб мекунад. Инро мо дар ҳар як лаҳза, ҳар як қадам мушоҳида мекунем. Мо ҳар сол садҳо ҳазор дарахту буттаҳо ва гулҳо мешинонем, лекин аз беаҳамиятӣ, беназоратӣ нисфи зиёди онро талаф медиҳем, обро сарфакорона истифода набарем, дар ҳар як қадам оби софи зулол аз ҷумакҳои оббаро беҳуда ҷорист, дарахту буттаҳоро мебурем ин гуна муносибат ба он оварда расонидааст, ки ҳарсола дарахтони мешинондагиамон ҷойи дарахтони мебуридагиамонро пур карда наметавонанд. Ҳаворо бо ҳама гуна воситаҳо ифлос мекунем, муҳити зистамонро аз партовҳо ифлос ва ҳатто заҳролуд мекунем. Ҳамаи ин гуна носозиҳоро дар ҳаёти солими худ худамон ба даст худ мекунем. Мо имрӯз дар табиат муозинати экологиро вайрон кардаем. Табиати моро ҳифзкунанда забон надорад бигӯяд, ки шумо барои чӣ баояндаи худ ин қадар хиёнат карда истодаед. Лекин ҳамин қадараш маълум аст, агар муносибатамонро ба табиат дигар накунем, як рӯз не як рӯз вай аз мову Шумо қасоси худро мегирад.

***Ҳасан АМИРОВ**, муаллими калони Коллеҷи иқтисодӣ - техникии ғайридавлатии шаҳри Кӯлоб, собиқадори меҳнат, Корманди фахрии ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ДАРАХТИ "ЛАВР" ВА ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОБАХШИИ ОН



*Далер ҲУСАЙНОВ,*
*ҷонишини декан оид ба тарбияи факултаи химия, биология ва география*

Тоҷикистони биҳиштосои мо дар ҳақиқат дорои дарахту бутта ва сабзаю рӯиданҳои табобатӣ буда, аз ин ҷиҳат миёни кишварҳои ҷаҳон ҷои намоёнро ишғол кардааст. Дар ин кишвари офтобрӯя на танҳо буттаю дарахтони эндемикӣ (таҳҷоӣ) балки растаниҳои дигар минтақа низ ба хубӣ мерӯянд. Албатта ҳар як буттаю дарахт ё худ растании табобатӣ ба худ таърих ва хусусиятеро дорост, ки алҳол дар бораи растание сухан меронем, ки ӯро бӯи хуш, тамъи хуш ва инчунин хусусиятҳои давобахширо ба худ касб карда, ҳамарӯза дар таомҳои миллӣ ва ғайримиллӣ истифода мебарем. Растание, ки дар бораaш маълумот медиҳем, ин дарахти муқаддаси "Апаллон" мебошад, ки оид ба он дар сарчашмаҳо чунин оварда шудааст.

Дар яке аз ривоятхои Юнони Кадим омадааст, ки Аполлон (писари Зевс - худои зебоиофар) ба паридухтар Дафна ("дафна" - тарҷумааш аз юнони - "лавр") ошиқ мешавад ва ба ӯ изҳори муҳаббат мекунад. Дафна ишқи Аполлонро рад намуда, аз Худо хоҳиш мекунад, ки ӯро ба дарахт табдил диҳад. Аполлон ба паридухтар наздик шуда, мехоҳад, ки ӯро оғуш кунад, вале дар оғуши худ пояи дарахти лаврро мебинад.

Ҳамчун ёдгорӣ аз дӯстдоштааш ӯ ба сари худ гулчанбар аз навдаҳои лавр мегузорад. Юнониҳои қадим аз ҳамон вақт дарахти лаврро дар ҷойҳои ба Аполлон муқаддас парвариш мекарданд ва ба сари шоирони намоён, ҷанговарони шуҷоъ ва шахсоне, ки дар мусобиқаҳо, бозиҳои Олимпӣ ғолиб меомаданд, гулчанбар аз навдаҳои ҳамешасабзи лавр мегузоштанд. Калимаҳои "лаурет" ва "бакалавр" - "меваи лавр" аз номи лотинии лавр (Laurus) гирифта шудааст. Ҳоло ҳам навдаҳои лавр рамзи шӯҳрат мебошанд, вале мо ҳоло онҳоро на дар сари ғолибон, балки бештар дар дохили таъомҳои гуногун мебинем.

Номи тоҷикии лавр -ғор, дарахти ғор, даҳмушт буда, дар забони русӣ онро бо номи "лавровый лист" ёд мекунанд (номи илмиаш - Laurusnobilis - Лаври латиф аст), ки барои хусусиятҳои некаш дар хурокҳо истифода мешавад. Ғор дарахти ҳамешасабз буда, ба оилаи ғориҳо мансуб мебошад, то 10-15 метр қад мекашад. Баргҳояш думчаи кӯтоҳ дошта, пайиҳам ҷойгиранд, чармгуни пурҷилло, дарозрӯя ё нештаршакланд, дарозиашон аз 6 то 20 см, бараш аз 2 то 8 см аст. Тудагулҳояш чатрмонанд буда, дар қисми охири навда, дар бағали баргҳо ҷойгиранд. Гулҳояш хурд буда, сафед ё зардранганд. Одатан растании духонагӣ буда, баъзе фардҳояшон ягхонагӣ мешаванд. Мевааш яктухмаи байзашакл буда, ранги сиёҳи кабудтоб дошта, элипсмонанданд ё тухмонанданд аст, ки аз 1,5 то 2 см дарозӣ дорад. Меваҳояш моҳҳои октябр - ноябр пухта мерасанд.

Онро ҳамчун растании ороишӣ дар бисёр мамлакатҳо мепарваранд. Баъди солҳои 50-уми асри гузашта онро дар Тоҷикистон низ парвариш мекунанд. Ғорро аз тухм, қаламча ва бехҷаст зиёд мекунанд. Ниҳоли ғор соли аввал тез месабзад ва соли 2-юм то 60-80 см қад мекашад. Бори аввал дар синни 4-6-солагӣ гул мекунад. Ғор то 250-300 сол умр мебинад. Он дарахти сармобардор буда (то -15 0 С), дар ҷойҳои офтобрӯя хубтар месабзад. Тирамоҳ ё зимистон 3-4 ҳиссаи шоху навдаи ғорро мебуранд ва дар ҷои соя хушконда, баргҳояшро ҷудо мекунанд.

Баргҳои дар соя хушккардаи онро аз қадимулайём барои хуштамъ намудани ғизо истифода бурда мешаванд. Равғани эфирии ғор дар саноти қаннодӣ ва тибб истифода бурда мешавад. Барагҳои ғор иштиҳоро зиёд намуда, барои ҳазми ғизо мусоидат менамояд. Аз замонҳои қадим ғорро кишт мекарданд. Ғор ҳамчун растании худрӯй дар мамлакатҳои назди баҳри Миёназамин мерӯяд. Онро ба Кавказ ва Қрим юнониҳои қадим овардаанд. Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ғорро дар соҳили баҳри Сиёҳи Кавказ, Озорбройҷон ва Қрим парвариш мекунанд.

Тамоми қисмҳои ғор равғани эфирӣ, моддаҳои даббоғӣ, қатрон (смола) доранд, ки бӯи хуш медиҳанд. Миқдори равғани эфирӣ дар баргҳояш 3-5,5% - ро ташкил медиҳад. Дар таркиби меваaш 25% равған, қанд моддаҳои даббоғӣ, 0,8% равғани эфирӣ дорад.

Дар тибб меваҳои ғорро истифода мебаранд. Равгани эфирии ғорро бо роҳи фишурдани тухмҳои он мегиранд. Мазаи равғанаш талх буда, ранги сабз дорад. Дар ҳарорати 40о С ба моеъ табдил меёбад. Гиппократ дар замони худ равғани ғорро барои табобати "Тетанус" тавсия карда буд, баргҳои онро бошад, барои ором намудани дард дар мавриди таваллуд кардан истифода мебурд.

Гален ғорро барои табобати санги гурда истифода бурдааст. Закариёи Розӣ баргҳои ғорро барои табобати асабҳо дар мавриди ихтилоҳи рӯй тавсия намудааст. Абӯалӣ ибни Сино тавассути ғор захми шуш ва дарди гӯшро табобат мекард. Баргҳои ғорро барои табобати диабети канд истифода мебаранд, чунки он барои муътадил гардонидани мубодилаи ангиштобҳо мусоидат менамояд.

Барои табобати диабети қанд 10 дона барги горро гирифта дар термос мегузоранд ва аз болои он 0,5 литр оби ҷӯшомада рехта 1-2 соат нигоҳ медоранд. Ҳар рӯз 3 маротиба пеш аз хӯрок хурдан 1-2 стакаkaзонӣ истеъмол мекунанд.

Равғани онро бошад, барои табобати тарбод, кашидани рагҳои дасту пой, никрис, бемории фалаҷ истифода мебаранд. Бо ин мақсад 30 г баргҳои хушккардаи онро гирифта, дар 200 мл равғани зағир ё офтобпараст 7-8 рӯз гузошта, дар ҷои гарм нигоҳ медоранд. Баъдан онро афшурда, меполонанд ва ба ҷойҳои дардманди бадан мемоланд. Агар ҷумлагии хусусият ва аҳамияти ин дарахт ва буттаро мо пеши назар меовардем, шояд баҳси мо бе нуқта меанҷомид, аммо баъзе нуктаҳои асосии ин масоилро мо пешкаши хонанда гардонидем, ки каме бошад бо он барги дарахте, ки дар таомҳои ҳаррӯза истифода мебарад, ошноӣ дошта бошанд.

# ОҚИБАТИ ГУМРОҲӢ МАРГ АСТ!



*Сино ХОЛОВ,*
*ассистенти кафедраи химия ва биология*

Ҳаёт барои ҳар як инсон тӯҳфаи беҳамтои ҳам илму ҳам илоҳист ва инсони боақлу заковат, хирадманду меҳанпараст, бояд хушбахтона ва бо умед ин пайраҳаро ҷасурона ва бо камолоти тамаддунофар хушбахтона тайё намояд. Инсони тамаддунофар ҳам дар олами шодиҳою ҳам дар олами ногувориҳо арзи ҳастӣ ва умри хешро мегузаронаду пайраҳаи зиндагии пурпечутобро паси сар намуда, зинаҳои наву нафоварро ҷустуҷӯ намуда, неъматҳои шаҳдбори онро истифода бурда, анъанаҳои ниёгонро дар ҷодаи ҳастӣ истифода мебараду зиндагиномаи ояндаро месозанду умри хушу форам мебинад. Мешавад лаҳзаҳое, ки арзишҳои зиндагӣ ба монанди навозишҳои дасти модар, садои сулҳу ваҳдат, садои дӯстон, резиши борон, нағмаи мурғон дар оғӯши Ватан тез эҳсос мешавад, ва ин моро ба умқи андеша ва зина ба зина ба бедории фикрӣ ва таранниуми ҳаёт ҳидоят мекунад, сипас баъди дарки ҳама унсурҳои зиндагӣ ва лаҳзаҳои шаҳдвори онро низ ҳис мекунӣ. Ҳангоме инсон аз фалсафаи зиндагӣ ноумед мешавад, пас ӯ кӯтоҳназарию бехирадиро пеша гирифта, ӯ гумроҳона ба ташкилоту созмонҳои ифротгар дохил шуда дар қалби худ зуҳуроти бегонашавию бегонапарастиро нисбат ба Ватан, модар ва наздиконаш ҷой диҳад.

Имрӯзҳо бархе аз ҷавонону наврасонро гурӯҳҳои манфиатҷӯ ва барои ба худ ҷалб кардан ҳиллаю найрангбозиҳои ифротиро тарғиб мекунанд. Ин гурӯҳҳо созмонҳову ташкилотҳои ифротгарое ҳастанд, ки барои расидан ба ҳадафу мақсадҳои ғаразноки экстремистӣ худ ҷавонону наврасонро бо суханҳои пучу беарзиш, ваъдаҳои дурӯғ ва далелҳои беасос ба сӯи худ мекашанд. Ин гуна созмонҳои ифротгар наврасонро чунон ба сӯи худ ҷалб мекунанд, ки барои онҳо Ватан, модар ва ифтихори ватану ватандорӣ, умуман ҳисси миллию меҳанпарастӣ барояшон бегона мегардад. Ин созмонҳо дар ниҳоди ҷавонон шиква кардан, рӯҳафтодагӣ, тундхӯйӣ, худхоҳӣ, одамгурезӣ, дунёбезорӣ, хилватнишинӣ ва муносибати душманонаро ба роҳ мемонанд.

# ЁДЕ АЗ ҲАБИБУЛЛО СОЛИЕВ - ОМӮЗГОР ВА МУҲАҚҚИҚИ СОҲАИ НАҲВ



*Қаюм САНГОВ,*
*номзади илми педагогика дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он,*
*Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ҳабибулло Солиев хатмкардаи ДДТ мебошад. Соли 1968 шуъбаи рӯзонаи факултаи забон ва адабиётро хатм кардааст. Ӯ 12-июни соли 1944 дар деҳаи Лангуриҳои ноҳияи Шӯрободи вилояти Хатлон таваллуд шуда, 29-уми декабри соли 2005 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст. Дар деҳаи Тугараки ноҳияи Восеъ, ки чанд сол дар он ҷо бо аҳли хонадон ва хешутаборҳояш истиқомат дошт, дафн гардидааст.

Номбурда забоншинос, номзади илми филология (1984), Аълочии маорифи Тоҷикистон (2002) буд. Пас аз хатми мактаби олӣ ва адои хизмати ҳарбӣ 2-3 сол дар мактабҳои миёнаи ноҳияҳои Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ва Восеъ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дарс дода буд. Баъди ин то соли 2004 дар факултети забон ва дабиёти тоҷики ДДК ба номи А. Рӯдакӣ дар вазифаҳои муаллим, муаллими калон, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ, инчунин ним сол пеш аз шаҳри Душанбе рафтан дар вазифаи мудири кафедраи методикаи забон ва адабиёти тоҷики ДДК низ кор кардааст. Ниҳоят, аз соли 2004 то рӯзҳои вопасини ҳаёташ дар пойтахти ҷумҳуриямон дар вазифаи дотсент, сардори департаменти забонҳои Донишгоҳи байналмилалии гуманитарии Тоҷикистон софдилона адои хизмат карда буд…



Солҳои аввали дар ДДК ба номи А. Рӯдакӣ кор кардани Ҳ.Солиев нағз дар хотирам аст. Ӯ дар баробари вазифаи лаборанти кафедраи забони тоҷикиро ба ҷо оварданаш каму беш аз фанни забони тоҷикӣ ба донишҷӯён дарс медод. Аз сабаби ҷойи хоб надоштанаш дар он шабу рӯз ба гармию сардии ҳаво нигоҳ накарда, ба мототсикли сечархаи шахсияш савор шуда ноҳияи Восеъ мерафту меомад. Ин рафтуомади ташвишовар баъдтар то андозае ба саломатии муаллими ҷавон таъсир кардаанд…

Мушоҳида мекардем, Солиев дар баробари дарсҳои хубу шавқовар гузаштанаш дар ҳама гуна чорабиниҳои факултетӣ, умумидонишгоҳӣ ва шаҳрӣ фаълона иштирок менамуд. Аз ҷумла, ӯ чандин маротиба дар имтиҳони қабули дохилшавӣ дар факултаҳои мухталифи донишгоҳ, дар маъракаҳои пахтачинии донишҷӯёни факултет дар деҳаҳои Арча, Шӯрқул, Уртабуз ва колхози "Коммунизм"-и ноҳияи Фархор иштирок карда, ҳамчун шахси ҳалолкор, масъулиятшинос, ҷиддӣ ва эътимоднок ном баровarda буд.

Дӯсти азизи мо аз рӯзҳои аввали омӯзгорияш дар факултаи забон ва адабиёти тоҷики ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ба кори илмию тадқиқотӣ ба таври ҷиддӣ машғул буд. Ӯ дар як муддати кӯтоҳ дар зери роҳбарии доктори илми филология, профессор Абдусаттор Мирзоев дар мавзӯи "Ибораҳои номии пешояндӣ" (дар насри бадеии С. Айнӣ) рисолаи номзадӣ навишта, соҳиби дараҷаи илмии номзадӣ ва баъдтар унвони дотсентӣ мушарраф гардид.

Самтҳои асосии корҳои илмӣ-тадқиқотии собиқ ҳамкори мо масъалаҳои синтаксис (наҳв), услубшиносӣ, лаҳҷашиносӣ, инчунин бештар иборашиносӣ ба шумор мерафтанд. Ба қалами ӯ зиёда аз 100 мақолаи илмӣ-назариявӣ, оммавӣ-тарғиботӣ ва як монография ба унвони "Ибораҳои номии пешояндӣ" (Душанбе: Дониш, 1991,92 саҳ.) тааллуқ дорад.

Аз рӯи тасдиқи муқарризони монография (Р.Саидов, М.Акрамов) ин тадқиқот дар ҳалли бисёр масъалаҳои муҳими забоншиносии тоҷик хизмат хоҳад кард.

Шодам, ки дар китобхонаи банда то ҳол як нусхаи китоби мазкур бо соядасти муаллиф (13.04.1992) маҳфуз мебошад. Дар он омадааст: "Ба методисти серкору боҳавсала муаллими ҷиддию серталаб Абдуқаюми Сангин лутфан тақдим мешавад".

Устод ва ҳамкори азизи мо Соат Чалишев (рӯҳашон шод бод!) дар шаҳри Душанбе бо Ҳ.Солиев дар як ҷо кор мекарданд. Ӯ рӯзҳои вопасини ҳаёти Ҳ.Солиевро боре ба мо нақл карда буд: "Ҳангоми конфренсияи илмӣ дар ҷойи кор мо ҳар ду паҳлӯи ҳамдигар нишаста будем. Солиев Ҳ. баъди маърӯза кардан омада дар паҳлӯи ман нишаст ва беҳолу бемадор буд. Дере нагузашта бар ман бархӯрд. Вақте ки ӯро бардошта рост карданӣ хостем, ӯ аллакай вафот карда буд… Фардои он рӯз тобути ӯро ба шаҳри Кӯлоб оварда, дар деҳаи Тугараки ноҳияи Восеъ ҷисми ӯро ба хок супориданд…Чӣ илоҷ! Роҳи дигар нест.

***Рӯҳат шод бод, дӯст ва ҳамкорӣ азиз!***

## ДОНИШҶӮЁН ҒОЛИБ ШУДАНД!



Бо ташаббуси Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои ҷумҳуриявии "Динамо" ҳафтаи гузашта мусобиқаи кушоди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи намуди "Варзиши сабук" байни ҷавонони ҷумҳурӣ барои дарёфти "Ҷоми Вазири корҳои дохилӣ" таҳти шиори "Ба рушду ободии диёр омодаем!" гузаронида шуд. Дар мусобиқа донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуда, дастаи донишгоҳ ғолиби ҷойи 1-ум гардид. Донишҷӯёни ғолиб бо тӯҳфаву ифтихорнома қадрдонӣ карда шуданд. Инҳо:

1. Масаев Ҷ., давидан ба масофаи 100 метр ғолиби ҷойи 1-ум;
2. Комилов Шоҳрух, оид ба "Гуштини миллӣ" дар вазни 70 кило ғолиби ҷойи 1-ум;
3. Ҷалилова Ҷ., аз рӯи намуди "Лаълича" ғолиби ҷойи 1-ум;
4. Шукронаи И., давидан ба масофаи 100 метр ғолиби ҷойи 3-юм;
5. Зулҳиҷчаи Ҷ., давидан ба масофаи 1000 метр ғолиби ҷойи 3-юм;

## УСТОДИ ВАРЗИШИ ДАРАҶАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



Бо фармони раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 292 аз 16-уми декабри соли 2017 донишҷӯи факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ Нуриддинова Ҳилолабону унвони устоди варзиши дараҷаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазнбардорӣро соҳиб шуд. Бояд қайд намуд, ки Ҳилолабону яке аз варзишгарони беҳтарин буда, дар чандин мусобиқаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ оид ба намуди вазнбардорӣ ғолиб шудааст. Ҳайати эҷодии рӯзнома Ҳилолабонуро барои ин муваффақияташ табрик мекунад.

## ИФТИХОРНОМА БА РЕКТОР




Аз тарафи раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ доктори илми физика ва математика, профессор, Узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло барои гузоштани саҳми муносиб дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, таълиму тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстию меҳанпарастӣ, фароҳам овардани шароит ҷиҳати таъмини иштироки фаъолонаи ҷавонон дар тамоми самтҳои ҳаёти муҳим ва дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани чорабинӣ таҳти унвони "Дар меҳмонии ректор" бо ифтихорнома қадрдонӣ карда шуд.

## ШОҲРУХ БОЗ ҒОЛИБ ШУД!



Бо ташаббуси Раёсати кор бо ҷавонон дар минтақаи Кӯлоб санаи 19-уми марти соли ҷорӣ мусобиқаи минтақавӣ оид ба гуштини миллӣ бахшида ба ҷашни байналмилалии Наврӯз гузаронида шуд, ки дар он донишҷӯи донишгоҳ Комилов Шоҳрух дар вазни 70 кило сазовори ҷои 1-ум гардид ва бо диплому медал ва тӯҳфаҳо қадрдонӣ карда шуд.

## МАҲФИЛ ДАР НАЗДИ МИҶ

Санаи 13.04.2018 бо ташаббуси Маркази истеъдодҳои ҷавони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва инчунин бо иштироки аъзоёни фаъоли маҳфили "Навоварон", ки ба шеъру шоирӣ шавқи беандоза доранд, аз тарафи аъзоёни фаъоли марказ бахшида ба 140-солагии устод Садриддин Айнӣ маҳфил гузаронида шуд. Мирзоева Фариза, донишҷӯи соли 1-уми факултаи омӯзгорӣ дар мавзӯи "Ҳаёт ва фаъолияти шоир", Латифов Манучеҳр, донишҷӯи соли 1-уми факултаи физика ва математика дар мавзӯи "Фаъолияти муҳарририи устод Садриддин Айнӣ" маърӯзаҳо омода намуда, барои ҳозирин қироат карданд.

Дар маҳфили мазкур донишҷӯён ва иштирокчиён хеле фаъол буданд. Дар қисмати охири маҳфил саволу ҷавоб, баҳсу мунозираҳо дар доираи ҳаёт, эҷодиёт ва фаъолияти пурсамари устод Садриддин Айнӣ сурат гирифт, ки ин аз таваҷҷӯҳи пайвастаи донишҷӯён нисбат ба илм ва шеъру шоирӣ шаҳодат медиҳад.

## ДОНИШҶӮЙИ ДОНИШГОҲ ДАР МУСОБИҚАИ ШАҲРӢ ҶОЙИ 1-УМРО ГИРИФТ!



Таърихи 14-15-уми апрели соли ҷорӣ бо ташаббуси Федератсияи гуштини касбӣ ва варзиши Греплинг ADCC-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мусобиқаи кушоди шаҳри Кӯлоб оид ба гуштини Греплинг ADCC-и байни наврасон, ҷавонон ва калонсолон бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ гузаронида шуд. Дар озмун донишҷӯи факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ Носиров Ш. дар вазни 65 кило ҷойи 1-умро насиб гашт ва бо медалу ифтихорнома ва туҳфаҳо қадрдонӣ карда шуд.

Инчунин, барои саҳми арзанда ва дастгирии бевоситаи мусобиқаи кушоди мазкур ректори донишгоҳ доктори илми физика ва математика, профессор, Узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло ва декани факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ Досаков Мӯъмин бо ифтихорномаи Федератсия сарфароз гардонида шуданд.

## МАҲФИЛ: РӮЗНОМАНИГОРИ ҶАВОН



Санаи 18.04.2018. дар факултаи филологияи тоҷик ва журналистика бо роҳбарии ассистенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика Алишери Абдулмаҷид маҳфили "Рӯзноманигорони ҷавон" гузаронида шуд. Дар маҳфил омӯзгорони кафедра низ иштирок доштанд.

Дар маҳфил Лутфияи Сайдалӣ, донишҷӯи соли 2-юми факулта дар мавзӯи "Таърихи ташаккули ВАО дар шаҳри Кӯлоб ви вилояти Хатлон" маърӯза намуд. Сипас, дар мавзӯи "Реклама дар ВАО" донишҷӯи соли 1-уми шуъбаи рӯзноманигорӣ Сайҷаъфарова Шаҳзода баромад кард. Баъди шунидани маърӯзаҳо миёни аъзоёни маҳфил баҳсу мунозира сурат гирифт.

## АКСИЯ: ИТТИФОҚИ КАСАБА ДОНИШҶӮЁНРО КӮМАК КАРД!

Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба дастгирии донишҷӯёни ятими кул, маъюб ва нимятим дар соли 2018 кӯмакҳои худро расонид.

Бо қарори иттифоқи касабаи донишҷӯён аз 5.03.2018 барои ҳавасманд гардонидани донишҷӯёни зерин: Зулҳиҷчаи Ҷурабек ва Ҷалилова Ҷавҳарбӣ, ки дар мусобиқаи Муассисаи давлатии мактаби варзишии шаҳри Кӯлоб оид ба варзиши сабук ҷойҳои 1-ум ва 2-юмро гирифтанд, ба миқдори 550 сомонӣ мукофотонида шудаанд.

Инчунин, бо қарори иттифоқи касабаи донишҷӯён аз 31.03.2018 барои ҳавасманд гардонидани донишҷӯёни зерини дастаи донишҷӯдухтарони донишгоҳ, ки дар спартакиадаи валиболбозон миёни муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсус ғолиб шудаанд, ба миқдори 320 (се саду бист) сомонӣ мукофотонида шудаанд.

Шаҳнозаи Барот, донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия,биология ва география, 80 сомонӣ;

Сангова Ширмо, донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биология ва география, 80 сомонӣ;

Пирова Манижа, донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биология ва география, 80 сомонӣ;

Олимова Мехрона донишҷӯи соли 2-юми факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ, 80 сомонӣ.

Ғайр аз ин, бо қарори иттифоқи касабаи донишҷӯён аз 23.04.2018 барои кӯмак расонидан ба донишҷӯи соли 1-уми факултаи физика ва математика Шарифзода Валиоллоҳ ба миқдори 200 (дусад) сомонӣ ҳавасманд гардонида шуд.



*Фазилат ЮСУФОВА, раиси иттифоқи касабаи донишҷӯён*



## ҶОЙИ 1-УМ ДАР МУСОБИҚАИ ШАҲРӢ

Санаи 14-уми апрели соли ҷорӣ бо ибтикори раёсати ҷавонони шаҳри Кӯлоб мусобиқаи кушод оид ба "Варзиши сабук" аз намуди "Лаълича" гузаронида шуд, ки дар он донишҷӯи донишгоҳ Туронов Муҳаммад бо партофтани лаълича ба масофаи 30 метру 54 сантиметр ғолиби ҷойи 1-ум гардид ва бо тӯҳфаву ифтихорнома қадрдонӣ карда шуд.

## ТАҶЛИЛ АЗ ҶАШНИ ҒАЛАБА

Таърихи 8-уми майи соли ҷорӣ бо ибтикори Раёсати донишгоҳ бахшида ба 73-юмин солгарди Иди ғалабаи ҶБВ конфронси илмӣ-бадеӣ гузаронида шуд. Нахуст, бо сухани ифтитоҳӣ ректори донишгоҳ доктори илми физика ва математика, профессор, Узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло баромад намуда, омӯзгорону кормандон ва иштирокчиёни ҶБВ-ро ба ин рӯз табрик намуд ва ба як қатор кормандони собиқадор тӯҳфаҳои молию пулӣ супориданд.

# АКСИЯИ «ДОНИШГОҲИ МАН»

*Роҳбарияти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ тасмим гирифтааст, ки бо иштироки кормандону омӯзгорон ва донишҷӯён аксияи «Донишгоҳи ман»-ро гузаронад. Айни ҳол тамоми омӯзгорону кормандон ва донишҷӯён дар ин аксия иштирок намуда, ба донишҷӯёни эҳтиёҷманд ва дигар қишри ҷомеа кӯмак расонида истодаанд. Намунае чанд аз ин корҳои хайрро ба хонанда муаррифӣ мекунем.*



## АКСИЯИ РАЁСАТИ ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ: ТАЪСИСИ ФОНД



*Шарофат ХУДОЙДОДОВА, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия*



*Эраҷ ДАВЛАТОВ, сардори Раёсати илм ва инноватсия*

Раёсати илм ва инноватсия донишгоҳ бо рӯҳбаландӣ аз аксияи "Донишгоҳи ман" "Фонди дастгирии олимону муҳаққиқон"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро таъсис дод. Ин фонд ҷамъиятӣ, ғайритиҷоратӣ, худидорӣ ва кӯмакрасон буда, бо мақсади дастгирии молиявии олимону муҳаққиқоне, ки ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, эҷодкорӣ, навоварӣ, таълифи дастуру китобҳои таълимӣ-методӣ ва асарҳои илмӣ машғуланд, таъсис ёфтааст.

"Фонди дастгирии олимону муҳаққиқон" ҳамчун фонди кӯмакрасон, дар асоси талаботи зербанди 7-и банди 240 "Оинномаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ" бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ тасдиқ гардидааст.

Ҳадафи асосии "Фонди дастгирии олимону муҳаққиқон" расонидани кӯмаки молиявӣ ба олимону муҳаққиқоне, ки ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, эҷодкорӣ, навоварӣ, таълифи дастуру китобҳои таълимӣ-методӣ ва асарҳои илмӣ машғуланд, равона карда мешавад.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти фонд инҳо мебошанд:

1. Аз лиҳози молиявӣ дастгирӣ намудани олимону муҳаққиқони ҷавони донишгоҳ ҷиҳати ҳимояи рисолаҳои номзадӣ-докторӣ, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос;
2. Мусоидат намудан дар нашри дастуру китобҳои таълимӣ-методӣ, монографияҳои олимону муҳаққиқони донишгоҳ;
3. Расонидани кӯмаки молиявӣ ба олимону муҳаққиқони ҷавон, навқаламон, ихтироъкорону навоварони донишгоҳ;
4. Гузаронидани озмунҳои эҷодӣ, семинар-машваратҳои илмӣ ва дигар чорабинҳо оид ба беҳтар намудани масъалаҳои вобаста ба илм;
5. Ташкил ва инкишофи дигар навъи фондҳои маҳаллӣ бо мақсади ҳамкориҳо самаранок дар роҳи беҳтар гардидани мушкилиҳои самти илм.

Ин кори хайр дар партави аксияи "Донишгоҳи ман" анҷом дода шуд, ки минбаъд метавонад ба олимону муҳаққиқон кӯмак расонад.

## АКСИЯИ ШУЪБАИ КОР БО ҶАВОНОН



*Далер КАРИМОВ, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон*

Таърихи 08.05.2018 бо ташаббуси шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ аксияи "Донишгоҳи ман" гузаронида шуд. Дар ин аксия кормандони шуъба, волонтёрони фаъоли шуъба ва донишҷӯёни фаъол иштирок намуданд. Ин гурӯҳи бахшида ба фарорасии 73-солагии Иди ғалаба ба аёдати иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва маъюбон рафтанд.

Ҳангоми дидорбинӣ ин гурӯҳи ҷавонони фаъол бо онҳо вохӯриҳо гузаронида, аксу видео сабт намуданд ва рафти ин кори хайрро тавассути шабакаҳои интернетӣ тарғиб намуданд.

Бояд қайд намуд, ки ҳамарӯза аз ҷониби кормандону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ аксияи "Донишгоҳи ман" гузаронида шуда истодааст ва рафти он тавассути ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ пайгирӣ мешавад.



## ФАКУЛТАИ ФИЛОЛОГИЯИ РУС: ТАҚДИМИ КИТОБҲО БА КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ




Дар асоси аксияи "Донишгоҳи ман" ва нақша-чорабиниҳои шӯъбаи тарбияи донишгоҳ санаи 23.04.2018 дар факултаи филологияи рус озмуни "Фурӯғи субҳи доной китоб аст!" ва конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Ученье-свет, а неученье-тьма" баргузор гардид. Конференсияро декани факулта номзади илми педагогика Шарипова Одинамо оғоз намуд. Дар конференсияи мазкур ноиби ректор оид ба тарбия, дотсент Сайдаҳмадова Д.Л., ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Худойдодова Ш.З. инчунин мудири боғчаи назди донишгоҳ Даминова Х. ва омӯзгорону донишҷӯёни факулта ширкат варзиданд. Дар оғози конфронс аз ҷониби роҳбарияти факулта ба омӯзгорон Раҳимова С.Р., Ғафурова М.Ҳ., Худойдодова Ш.З. ва Сайдаҳмадова Д.Л., ки солҳои тӯлонӣ дар таълиму тарбияи насли наврас саҳми босазо гузоштаанд, Раҳматнома супорида шуд. Инчунин, ба донишҷӯёни фаъол барои хониши намунавӣ ва иштироки бевосита дар корҳои ҷамъиятии факулта ва умумидонишгоҳӣ китобҳои дарсӣ, ки аз ҷониби омӯзгорони факулта таълиф шудаанд, тақдим карда шуданд.

Мувофиқи барномаи тарҳрезишуда, ду маърӯза, шеърҳо ва иқтибосҳои мутафаккирони бузурги ҷаҳон оид ба китоб ва аҳамияти он аз ҷониби донишҷӯён қироат карда шуданд. Дар қисмати музокироти конференсия омӯзгорон



*Одинамо ШАРИФОВА, декани факултаи филологияи рус*

Ғафурова М.Ҳ., Худойдодова Ш.З. ва Раҳимова С.Р. вобаста ба аҳамияти китоб ва илми муосир фикру ақидаҳояшонро изҳор доштанд. Дар ҷамъбасти конференсия аз ҷониби садорати факултаи филологияи рус ба мудири боғчаи назди донишгоҳ Даминова Х. 41 адад китоби то синни мактабӣ ҳамчун саҳмгузорӣ дар аксияи "Донишгоҳи ман" супорида шуд.

## ДАР АКСИЯИ «ДОНИШГОҲИ МАН» ИШТИРОК НАМО!



# ҒАЛАБАИ ПАДАРОН - ИФТИХОРИ ФАРЗАНДОН



*Манучеҳр БОБОЕВ,*
*ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва молия*

Расо 73 сол муқаддам ҷанги хунрезтарину харобиовартарини таърихи ҷаҳон ба итмом расид. Ғалаба дар ин ҷанг бар фашизми гитлерӣ дар сарнавишти башарият, аз ҷумла халқи тоҷик марҳалаи муҳиме гардид. Пирӯзӣ як саҳифаи пурифтихори таърихи миллати сарбаланди мост, ки дар он шуҷоату далерӣ ва қаҳрамониву фидокории падарону бобоёни мо дар майдонҳои набард бо ҳарфҳои заррин сабт гардидааст.

Мусаллам аст, ки ин ғалаба дар натиҷаи қурбонию талафоти зиёд ба даст омад. Дар ин ҷанги хунумонсӯз даҳҳо миллион нафар мардон, занон ва кӯдакон ҳалок шуда, бисёр шаҳрҳо вайрону валангор гардида, ба харобазор табдил ёфтанд. Чунин фоҷиаи мудҳишро, ки 1418 шабонарӯз идома ёфта, дар он бештар аз 60 миллион одам қурбон шудааст, башарият аз замони пайдоиши олам аз сар нагузаронидааст.

Ҳарчанд мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон аз майдони ҷанг ҳазорон километр дур буд, аз ин диёри офтобӣ зиёда аз 260 ҳазор нафар ҷавонмардони ватандӯст дар ҷанг иштирок намуда, дар таъмини ғалаба саҳми худро гузоштаанд.

Дар як вохӯрие, ки бо собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ баргузор гардида буд, иштирокчӣ ва маҷруҳи ҷанг Ғиёсиддин Бобоев аз ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, ки иштирокчии бевоситаи муҳосираи Ленинград буд, чунин ба хотир оварда буд:

- Муҳосираи шаҳри Ленинград 900 рӯз давом кард. Вазъият бениҳоят душвор буд. Муҳосира аҳволи муҳофизони шаҳрро вазнин карда буд. Дар шаҳр гуруснагӣ ҳукмфармо буд. Аз 20-уми ноябр то 25-уми декабри соли 1941 меъёри ҳаррӯзаи нон барои ҳар коргар то 250 грамм, барои хизматчиён ва кӯдакон 125 грамм таъин гардида буд. Ба замми ин яроқу аслиҳа намерасид. Дар чунин аҳвол мо барои дифои шаҳр ва нигоҳдории боигарии он ҳарчи аз дастамон меомад, дареғ намедоштем. Муҳосираи Ленинград дар ҳаёти ҷангии ман бо ҳама сангиниву душвориҳояш нақши амиқи худро гузоштааст. Зеро мо, фарзандони миллату халқиятҳои гуногун, сарфи назар аз ҷаҳонбинии сиёсӣ, динӣ ва мансубияти қавмияву наҷодӣ бо иттиҳоду ягонагӣ паҳлӯ ба паҳлӯи якдигар истода, он ҳама душвориҳоро паси сар карда, оқибат шаҳрро аз муҳосираи душман озод намудем.

Оре, маҳз дӯстию рафоқат, шуҷоату матонат ва пурсабриву аз хеш гузаштанҳои чунин далерони Ватан буд, ки артиши мо дар ин ҷанг ғалаба ба даст овард.

Имрӯз мо шукрона аз он менамоем, ки дар Ватани ободу озод ва соҳибистиқлол зиндагӣ ва кору фаъолият менамоему фазои кишварамон орому осуда ва мардумаш шоду сарфарозанд. Вале бояд қайд намуд, ки таҳаввулоти босуръати ҷаҳонӣ, ки ҳоло дар аксар давлатҳо таъсири манфии худро расонида истодааст, дар назди ҳар як шахси ватандӯсту баору номус баҳри ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ вазифаҳои ҷиддӣ мегузорад. Ин раванд, махсусан, аз мо - ҷавонон ва ҳар як фарди худогоҳ зиракии сиёсӣ, иродаи матину кордонӣ ва садоқату самимият ба халқу Меҳанро талаб менамояд.

Имрӯзҳо аён мушоҳида мегардад, ки аз тарафи неруҳои муайян дар ҷаҳон бо истифода аз роҳу воситаҳои гуногуни харобиовар, аз қабили анҷом додани амалҳои террористиву ифротгароӣ ва вусъат бахшидани фаъолияти гуруҳҳои ҷиноятпеша, ҳамчунин, бо роҳи тавсеаи муборизаҳои иттилоотӣ кӯшиши дахолат кардан ба корҳои дохилии давлатҳои мустақил густариш ёфта истодааст. Дар ин марҳалае, ки бархӯрди қудратҳои ҷаҳонӣ торафт вусъат пайдо карда истодааст, ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи субботу оромии ҷомеа бояд вазифаи муқаддаси ҳар яки мо бошад.

Агар ба таърихи гузаштаи миллати хеш назар афканем, мебинем, ки борҳо ин миллати ҷафокашида аз тарафи аҷнабиён хорӣ дидаву лек ҳеҷ гоҳе матинирадагии хешро аз даст надода, оқибат пирӯз гаштааст. Ҳатто дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кишвари моро аз масири пешрафт чандин даҳсола қафо партофт. Мардуми шарафманди мо маҷбур шуд, ки барои бартараф намудани харобиву хисороти он бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳо заҳмати шабонарӯзӣ кашида, мушкилоту монеаҳои зиёдеро таҳаммул намоянд. Дар натиҷа, Ватани азизи мо ба марҳалаи рушд ворид гардида, ба дастовардҳои назарраси иқтисодӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум ноил гардид.

Бо шукргузорӣ аз сулҳу ваҳдати Ватани маҳбубамон ҳамаи ҳамдиёрони азизро бо Иди ғалаба табрик намуда, ба ҳамаи Шумо тансиҳативу хушбахтӣ, иродаи қавӣ ва дар роҳи ҳифзи Ватани аҷдодиамон барор комёбӣ орзумандам. Бигзор, дар кишвари соҳибистиқлоли мо сулҳу ваҳдат доимо пойдор бошад ва мо кӯшиш намоем, ки ин неъмати бебаҳои худодод ба хотири оянда дурахшони диёри биҳиштосоямон ҷовидонӣ боқӣ монад.

# АБУ ХАМИД МУХАММАД АЛЬ-ГАЗАЛИ И ЕГО ФИЛОСОФИЯ



*Дилшод БОЙМАТОВ,*
*ассистент кафедрой философии*

Иранский теолог и философ ислама. С начала был мистиком в духе суфизма, оспаривал общее значимость закона причинности, затем стал ярым противником философии (Опровержение философов) и в основателем ортодоксальной теологии (Воскрешение наук о вере). Оказал влияние на средневековую философию, в том числе и в Европе.

Газали - теолог, законовед, суфий, философ- был одним из самых известных мыслителей мусульманского средневековья. Им написано большое количество трудов (по разным оценкам, не менее сотни) по библиографии, законоведению, философии и логике, догматической теологии, полемике, практике суфизма, теории суфизма. Суфизм (мистическое течение в исламе) возник в VII-IX веках. Для суфизма характерно сочетание метафизики и аскетичной практики, учение о постепенном приближении через мистическую любовь к познанию Бога и слиянию с ним. Газали оказал большое влияние на развитие арабо-мусульманской культуры. Согласно хадисам ,предсказывающим приход обновителя ислама раз в каждое столетие, арабы воспринимали Газали как обновителя пятого века ислама.

Взгляды Газали были известны средневековой Европе. Исследователи утверждают, что Газали повлиял на Фому Аквинского и на всю схоластику. С именем Газали в средневековой Европе связан один парадокс. Газали, ведя полемику с философами, прежде всего мусульманскими -аль- Фараби и Ибн Синой, написал две книги "Стремления философов" и "Опровержение философов".

В первой книге Газали только излагал взгляды философов, написав во введении, что собирается опровергнуть их концепции во втором труде под названием "Опровержение философов". Книга "Стремления философов" и "Опровержение философов".

Газали было переведена в Толедо в 1145 году на латынь монахом Домиником Гундисальво, но без введения и заключения, в результате чего Газали долго почитался европейскими схоластами за философа, взгляд которого аналогичным взглядам Фараби и Ибн Сины. Однако позднее благодаря новым переводам в Европе стал известен и настоящий Газали .

С трудами Газали был знаком Гегель, отмечавший, что философ был остроумным скептиком, обладал великим восточным умом.

Увлечение суфизмом продолжало играть важную роль в жизни Газали, хотя он по-прежнему служил в области фикха. Не за долго до своей смерти. Газали вновь оставляет преподавательскую деятельность и возвращается в Туе. Там в своей келье он учит молодых последователей софийскому образ жизни. Умер Газали на пятьдесят пятом году жизни в 1111 году.

# HOW TO TEACH ENGLISH LANGUAGE IN SECONDARY SCHOOLS



*VATANOV Zafar,*
*the teacher of Department of English language Pedagogical of College.*

English language is an international language in the world. This language will teach in everywhere. There are a lot of methods of teaching English language for the secondary schools

We know that pupils of the secondary schools wants to learn method of English language in their schools. And they are trying for some to learn subject of English language at school. We know that there are a lot of foreign languages in our country. Teaching of foreign language is that one of development in our country. The idea of learning foreign languages is to shows that our national or its nationals ago to foreign peoples. The Founder of peace and National Unity , Leader of nation , the president of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon during his Message said that every people must know several foreign languages. But type of teach begins from nursery school till high school. In that time we must know what kind learns as foreign languages. In some families children want to learn any foreign language. Here, I want to notice some examples. Our Tajik's children want to learn English language in their school. Our Country's children are trying to learn English language. But they cannot use the language in their speech. Sometimes become difficulty for teach foreign languages because pupils cannot use right their native languages. Then about difficulties found in each language must repeat teacher's assignment step by step. We must say that more pupils to demand teacher's themes and to learn from that teacher's themes or do with their teachers during lessons. There are a lot of ways to teach English language. Such as the teacher must use natural sentences during the lesson, the sentences must be given from pupil's life.

The most important ways for teaching pupils, I think we can use such ways: In over I am saying in my think there are four types original method the English language

1) Short and easy dialogues,
2) Making cards,
3) Using English alphabet in pictures
4) Using poems in every lesson.

Except four of methods. Teachers of foreign languages can use many rhymes in their lessons. Their rhymes be short and easy or be act in this lesson. Then I want to say if the teacher of foreign language cannot show four kinds of them He cannot teach foreign language. Now pupils have need for teaching English languages. There are a lot of tutors or teachers teach English language in their house. They want to learn English language in our country. And they can introduce about our country. We are happy from our pupils secondary school has many wish for learn English language. If all teachers to do works with their pupils in secondary schools to be easy for them at University or Institutes in future.

# МЕҲНАТ ШАРАФ АСТ!

Зиндагии хуб ба кӯшишу ғайрат, қобилияту истеъдод ва азму идораи инсон вобаста аст. Дар зиндагӣ ҳолу аҳволи одам бе кӯшишу заҳмат беҳ намегардад.

***Рӯзӣ насиби кас ба***
***нашастан намешавад,***
***Бояд чу осиё зи паи***
***обу дона рафт.***

Ҳусайн Воизи Кошифи мегӯяд, ки:

***Мебош дар ҷадду***
***ҷаҳд дар кор,***
***Домони талаб зи***
***даст магзор.***
***Ҳар чиз, ки дил бар***
***он барояд,***
***Гар ҷаҳд кунӣ ба даст ояд.***

Зиндагӣ ҳам ҳисобу китоб дорад ва дар асоси нақшаи муайян пеш меравад. Агар хоҳӣ, ки рӯзгори обод ва файзу баракати зиёд дар хонадонат бошад, ҳамеша кӯшиш бояд кунӣ.

Масалан, тавассути кӯшишу ғайрат ва меҳнату заҳмат кас нафақат соҳиби зиндагии хуб мешавад, балки созовори ҳурмату эҳтиром мешавад.

***Мардон ба саъю ранҷ ба***
***ҷое расидаанд,***
***Ту беҳунар куҷо***
***расӣ аз нафспарастӣ?***

Саховату ҳимматбаландӣ аз хислатҳои хуби инсонист.

Дар ҳақиқат ҳиммат доштан корест, ки ҳар шахс ба қимматаш намерасад.

***Ҳар санги табиате***
***нагардад ёқут,***
***Ҳар қатраи обӣ дури***
***макнун нашавад.***

Барои боз ҳам зиёд намудани ин хислати наҷиб бояд ҳама кӯшиш ба харҷ диҳанд, то ки ин расму русуми олӣ аз байн наравад.

***То мард ба ранги наъл***
***дилхун нашавад,***
***Дар мулки вафо қимма-***
***таш афзун нашавад.***

Одам бо кирдору рафтораш дар ҷамъият машҳур мешавад. Ба некӣ ном баровардан давлати бузургест.

Бадӣ кардан ҳеҷ гоҳ кори мардуми оқил нест. Касе, ки ба дигаре бадӣ мекунад, ҳатман ҷазояшро худ мекашад ва ҳеҷ гоҳ рӯзи хушро нахоҳад дид.

***Ту подош ба некӯӣ бад кунӣ,***
***Чунон дон, ки бад ба***
***тани худ кунӣ.***

***Макун бад ба касею***
***бад маяндеш,***
***Куҷо чун бад кунӣ,***
***бад оядат пеш.***

Мардуми тоҷик мақоли хубе доранд, ки: "Хорро аввал ба пои худ халон ва баъд ба пои дигарон". Одам набояд фаромӯш кунад, ки ба касе хиёнат кардан ҳеҷ гоҳ пинҳон намемонад. Бояд қасди ҷони касеро накунӣ, ки эшон низ қасди ҷони ту хоҳанд кард.

Агар ниятат баду кирдорат нопок бошад, бояд худро ба қатори мардуми озодаандеш машморӣ.

***Макун бад, ки бад***
***бинӣ аз ёри нек,***
***Нарӯяд зи тухми***
***бадӣ - бори нек.***

***Ҷамолбӣ МӮСОЕВА, ассистенти кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи материалҳо***

# ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ



*Фирӯзҷон АРАБОВ,
сардори шуъбаи кор бо ҷавонони Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

Санъати ороиши амалӣ падидаи ҷолиб ва мураккабе дар фарҳанги бисёрҷабҳаи ҳар як халқу миллат аст. Он падида гуногунпаҳлу буда, навъҳои мухталифро фаро мегирад. Он бо баробари пайдо шудани халқу миллатҳо ба миён омада, бо решаҳои фарҳангии кӯҳанаш имрӯз ҳам дар инкишоф мебошад. Санъати амалии халқӣ ва навъҳои гуногуни он дар ҳаёти мардум ҷойгоҳи хоса доштa, як падидаи муҳими фарҳанги миллии тоҷикон мебошад.

Дар доираи татбиқи иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ то имрӯз даҳҳо мактаби ҳунармандон дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон ташкил шуда, ба фаъолият оғоз намуданд. Ҳунарҳои дастӣ дар инсон завқи бадеиро ташаккул дода, таҳаммулу тозакориро тарбия намоянд ва дунёи ботинии шахсро ғанӣ мегардонад. Дар замони мо ҳунарҳое, ки замоне фаромӯш шуда буданд, эҳё гардида, арзиши маҳсулоти дастӣ нисбат ба молҳои оммавӣ меафзояд. Ҳунарҳои халқӣ беҳтарин ва холистарин анвои санъат буда, ҳамеша ба ҳаёти инсон алоқаманданд. Онҳо ҳисси зебоипарастии ҳар як шахсро таҷассум мекунанд. Гузашта аз ин, на фақат эҷоди асарҳои санъат, балки дастгирии ҳунармандони халқӣ, ки эҷодкорони зебоӣ ҳастанд, нишони камолот ва олиҳимматӣ мебошад. Дар ин самт то ҳол масъалаву муаммоҳое ҳанстанд, ки аҳамияти махсусро тақозо доранд.

Татбиқи дастовардҳои илмию амалӣ, идомаи анъанаҳои миллӣ бо назардошти урфу одатҳо, омӯзиши таъсири равияҳои гуногуни санъат ба тарзи ороиши маснуот, вазъи тарбияи меҳнатӣ ва ҳунаромӯзии ҷавонони нерӯманди кишвар беҳбудиро меҳоҳад. Дар замони мо тадқиқоти илмӣ дар соҳаи тарбияи ҷавонон бо назардошти таълими ҳунарҳои мардумӣ мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Ҳадафи олимон баҳодиҳӣ ва таҳлили рушди ҳунармандӣ ва таъсири он, ба ҷавонон омӯзонидани ҳунарҳои аҷдодӣ, бо такя ба онҳо ташаккул додани ҳунарҳои наву муосир мебошад. Инкишофи ҳунарҳои меъморӣ, кулолгарӣ, заргарӣ, қолинбофӣ ва кафшдӯзӣ ба рушди наққошӣ низ мусоидат кардааст. Намунаҳои нодири нақшу нигоре, ки бостоншиносон дар Панҷакенти қадима ва дигар маҳалҳо дарёфтаанд, бозгӯи фарҳанги бою рангини гузаштагон ҳастанд. Нақошони тоҷик беҳтарин анъанаҳои ҳунармандони гузаштаро идома дода, санъати нақшофариро такмил додаанд. Нақши тоҷиконро, ҳамчун нақшҳои дигар ҳалқҳои Осёи Миёна ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: якумнақшҳои классикӣ, ки дар асрҳои миёна шакл гирифта, дар кишварҳои Шарқи мусулмонӣ, аз Миср, Туркия, Эрон сар карда то Ҳиндустон, Осиёи Миёна ва Туркистони Шарқӣ паҳн шудаанд. Онҳо дар ҳар кишвар сифатҳои хоси маҳаллӣ, обу ранг ва тафсири махсус пайдо карда бошад ҳам, асоси он дар ҳама ҷо як хел аст. Ин нақшҳо мукаммал буда, аз гиреҳ-шаклҳои мухталифи ҳандасавӣ, исломӣ-расмӣ ба шакл муайян даровардаи навдаҳо, баргу гулҳо иборат мебошанд. Нақшу нигори гурӯҳи якум аз офарандагони ҳуд-устоҳои наққош донишҳи фанҳои маҳсус, аз он ҷумла, илми ҳандасаро, ки дастраси ҳар кас набуд ва ба омӯхтани он солҳои дароз сарф мешуд, талаб мекард. Қисми асосии онҳоро мардон ташкил медоданд. Ин навъи нақшу нигор бештар дар биноҳои пуршукӯҳ, дар кандакории рӯи филизот, дар масноти аълосифати заргарӣ, дар ороиши дастнависҳо, ҷузгирҳо ва дигар соҳаҳои санъати амалӣ корбаст мешуд. Нақшу нигори гурӯҳи дуюм асосан анъанаҳои халқии маҳаллиро инъикос менамояд. Асоси унсурҳои ин нақшҳоро аксаран тасвири ашё ташкил медиҳад, ки аз сабаби сода гардидан ва хусусияти орнаменталӣ пайдо кардан дар бештари мавридҳо шакли воқеии худро гум мекунанд. Таҷассуми ҳунарҳои миллӣ дар ороиши сару либос, ҷиҳози ҳона, муҳити зист ва ғайра мушоҳида мешавад. Масалан, барои омӯзиши таърихи либос асарҳои санъати тасвирӣ, меъморӣ, адабиёт...

Ин фарқ на танҳо дар сифати матоъ ва тарзи ороиши либос, балки маҷмӯи либос зоҳир мешуд. Санъати ороиши либос бо зардӯзию кашидадӯзӣ, гулдузии куртаҳои чакани халқҳои Осиёи Миёна ҳар яке бо сабки хос инкишоф ёфтаанд, зеро дар тӯли асрҳо ороиши сару либос (бештар дар кӯҳистон), ҷиҳози хона ва ашёи рӯзгор (дар водиҳо) гулдас, аз бисоти тифл то ҷиҳози арӯс дар худ ва хонадон ба ҷо оварда мешуд. Эҳё гардидани ҳунарҳои мардумӣ аз як тараф истеъдоди баланди тоҷиконаро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуданд, аз тарафи дигар маблағе, ки ба бучаи оила дохил мешавад барои сарфи асбобҳои хониши фарзандон сарф карда мешавад, ки он ба беҳбудии пешрафти ҳар як оилаи тоҷик кӯмак мерасонад.





*Наджмиддин ДАВЛАТОВ,
докторант PhD второго курса факультета русской филологи.*

# РОЛЬ СОПОСТАВИТЕЛЬНОГО АНАЛИЗА В ИЗУЧЕНИИ ЯЗЫКОВ

Важной задачей, выдвинутой за последние годы в области языкознания, является сопоставительное изучение языков.

Необходимость научного соотнесения материала разных в том числе неблизкородственных и неродственных языков, обусловлена потребностями практики преподавательской, переводческой и лексикографической работы.

По вопросу о сопоставительнее сравнение иного порядка, которое получило у нас название не сравнительного, а сопоставительного изучения языков.

По справедливому замечанию А. А. Реформатского, "сопоставительный метод, в отличие от сравнительного метода, направлен на определенные прикладные и практические цели, что отнюдь не снимает теоретического аспекта рассмотрения его проблематики".



ном изучении языков высказывались различные точки зрения. Но одно осталось бесспорным, что методика преподавания русского языка в национальной школе имеет свою специфику и нуждается в прочной лингвистической базе.

Несомненным оказалось и то, что сопоставительная грамматика русского и национального языков превратилась уже в особую отрасль языкознания, которая имеет и свой объект изучения и свой метод исследования.

Придавая большое значение сопоставительному изучению языков разных систем, академик В. В. Виноградов подчеркивал, что "...наряду со сравнительно-историческим изучением родственных языков возможно и даже необходимо сравнительное или сопоставительное изучение разносистемнья языков".

Говоря о различии сравнительного и сопоставительного методов, Б. А. Серебренников писал: "Сравнительная грамматика имеет особые принципы построения.

В них сравнение различных родственных языков производится в целях реконструкции древнего облика существующих форм и звуков.".

Сравнительно-исторический метод ограничивается материалом родственных языков. Исторический аспект здесь является ведущим. "При сапоставительном изучении исторический аспект не играет никакой роли: сопоставляться могут как родственные, так и неродственные языки".

Следует отметить, что сравнительно-исторический метод, служащий главным образом целям реконструкции утраченных форм, не может быть лингвистической основой для разработки методики преподавания неродного языка.

При обучении русскому языку нерусских для практических нужд гораздо важнее и полезнее

Важно, однако, отметить, что первая капитальная работа по сопоставительному изучению языков принадлежит выдающемуся русскому языку веду И. А. Бодуэну де Куртенэ.

Сопоставительное изучение языков непосредственно связано с проблематикой языковой типологии и лингвистических универсалий.

Сопоставляемые факты двух языков обычно группируют по трём признакам:

1) явления, сходные, тождественные в обоих языках;

2) явления, характерные для обоих языков, но не тождественные;

3) явления изучаемого языка, отсутствующие в родном языке обучающихся.

Сопоставительное рассмотрение языков, как и всякое лингвистическое исследование, имеет дело с выражаемым значением и формальными средствами, служащими для его выражения. Отсюда- необходимость выбора одного из двух возможных путей изучения:либо от значения к формальным категориям, либо от формальных категорий одного из языков к значению.

Тщательно и всесторонне изучив грамматические особенности двух разносистемных языков, авторы последовательно и в системе рассматривают, с одной стороны, те явления русского языка, которые находят себе параллели в таджикском языке, с другой стороны, подробно описываются ими специфические его явления, не имеющие соответствия в азербайджанском языке.

Среди немногочисленных работ своей научной значимостью выделяется исследование Л. В. Успенской "Основные структурные особенности современного таджикского языка по сравнению с русским языком", являющееся первым серьёзным опытом сопоставительной характеристики фонетической системы и грамматического строя русского и таджикского языков. Большой удачей автора является последовательное применение метода сопоставительного анализа, в результате чего осуществляется задача- показать то, чем отличается таджикский язык от русского, что и почему является трудным для учащихся - таджиков при изучении русского языка. В результате обзора основных различий в структуре русского и таджикского языков- языков, родственных но происхождению, но в современном состоянии значительно отличающихся друг от друга по грамматическому строю, автор приходит к выводу о том, что в преподавании русского языка таджикам главные трудности представляет прежде всего изменение русских именных частей речи, богатых флективными формами, не находящими соответствия в таджикском языке.

Многие языковеды, методисты пытаются полностью отказаться от лингвистической предвзятости, от стремления навязать одному языку категории и закономерности, свойственные другому.

В результате сопоставления поевляется возможность установить, что легко и что трудно учащимся именно данной национальной школы, и тем самым строить обучение от легкого к трудному; они позволяют на научной основе предвидеть (возможности интерференции и наметить пути её предупреждения.

Наконец, данные сопоставления должны лечь в основу упражнений, предлагаемых в учебниках и учебных пособиях.

Таким образом, материалы сопоставительного лингвистического анализа русского и национального языков служат:

1) основой для создания программ по русскому языку, учебников, учитывающих специфику национальной школы;

2) лингвистической основой построения частной методой обучения русскому языку в национальной школе.

Все названные работы содержат ценный сопоставительный материал, но в них не делается необходимых методических выводов.

Было бы очень важно и интересно поставить на службу методики преподавания языков данные, полученные в результате сопоставительных лингвистических исследований.

# МОДАР, ТУ ЯКТОӢ!



*Фирдавси ШЕРАЛӢ,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултаи омӯзгорӣ*

Модар шахсест, ки дунё ба тамоми ҳастияш ҷои ӯро гирифта наметавонад. Чеҳраи фаромӯшнашаванда ин чеҳраи модар аст. Модар офтоби хона аст, агар дар оила модар набошад, кӯдак ба мисли мевае, ки офтобро намебинад, калон мешавад. Бадахлоқ бошем ҳам, ягона шахсе, ки моро авф мекунад, ин модар аст. Ягон муҳаббат ва шафқат ҷои муҳаббат ва шафқати модаро гирифта наметавонад. Дар дунё ягона зане, ки зарар намерасонад, ин ҳам бошад модар аст. Зан, ки модар шуд, ба камол мерасад. Ба мисли модар ёру ба мисли Ватан диёре нест. Модар барои шифо ёфтани фарзандаш доруи талх медиҳад. Худованд барои бандаҳои дӯстдоштааш толиҳи дунёро медиҳад. Модар ягона ганҷурест, ки ғаму ғусаамонро он ҷо мегузорем.

# ТАЪРИХИ РӮЗИ ҒАЛАБА



*Ҷамшед ҚУРБОНОВ,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биялогия ва география*

Башарият аз замони пайдоиши одам ин гуна ҷанги хонумонсӯз ва фоҷиаи мудҳишро аз сар нагузаронда-аст. Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939-1945) аз рӯи микёсу андоза даҳшатноктарин ҷанг дар таърихи башарият буда, дар он беш аз 72 давлати хурду бузурги олам ширкат варзида, доманаи амалиётҳои ҳарбӣ ба ҳудуди 40 давлати ҷаҳон вусъат ёфтанд.

Теъдоди сафарбаршуда 110 миллионро ташкил медод. Дар натиҷаи ин ҷанг кишварҳои зиёде хароб гаштанд ва бештар аз 50 миллион нафар қурбон ва садҳо миллион нафар аҳолии мамлакатҳое, ки ба гирдоби ҷанг кашида шуда буданд, ба маҳрумияту азоби тоқатшикан гирифтор гаштанд. Солҳои 1941-1945 Ҷанги Бузурги Ватании ИҶШС бо Германияи Фашистӣ гузаштааст. Халқҳои 15 ҷумҳурии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ баҳри дифои ватани азиз бар зиди истилогарони фашистӣ бар хестанд.

***Ватан то ман сазовори ту бошам,***
***Бароят то шавам арзанда фарзанд.***
***Равам бо роҳи мардони накуят,***
***Бигирам аз хирадмандони ту панд.***
***Ватан то, ки бимонад ҷовидона,***
***Дар оғуш чу ҳар як қаҳрамонат.***
***Биомузам ҳамеша қаҳрамонӣ,***
***Зи ҳар як қаҳрамони ҷовидонат.***

Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳодисаи ҷамъиятӣ бо роҳи зури давом додани сиёсат буда, мазмуни онро муборизаи муташаккилонаи мусаллаҳона ташкил медиҳад. Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), ҷанги одилонаю озодихоҳонаи халқи собиқ Шӯравӣ барои озодӣ ва ҳимояи Ватан алайҳи фашизм буд. Роҳбарони сиёсии Германия бо иттифоқчиёнашон Италия, Венгрия, Финляндия, Руминия, Испания 110 дивизияро зидди ИҶШС ба ҷанг сафарбар намуданд. Мақсади истилогарон дар муддати кутоҳ нест нобуд кардани Армияи Сурх ва шикаст додани ИҶШС буд. Новобаста аз омодагии амиқ ва бартарӣ аз ҳисоби дороии техникаи ҷангӣ ба мардуми шарафманд ва бо нангу номуси Шӯравӣ муяссар шуд, ки зафар ёбад. Халқи советӣ дар ҳама самтҳои асосии амалиёти ҷангӣ: Лелинград, Москва, Сталинград, Курск, Днепр ва ғайра бо қурбонии зиёд муқобили душман истодагарӣ намуда, қушунҳои фашистиро маҳв месохт.

Нерӯи тавонои мардум рӯҳи "шикастнопазири" душманро шикаст. 8-уми майи соли 1945 Германия ба акти таслимшавӣ имзо гузошт. 9-уми май рӯзи иди Ғалаба эълон гардида, анъанаи таърихӣ гардид. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) 27 миллион мардуми шӯравӣ ҳалок гардида, зиёда аз 1700 шаҳрҳо вайрон карда шуданд, миллионҳо бе хонаву хоҷагидорӣ монданд.

# 2018 - YEAR OF TOURISM DEVELOPMENT AND FOLK CRAFTS



*Muhabbat GAYRATOVA,*
*the 2 course faculty filological*

According to him, in this process, the Govern-ment needs to make sure to allocate preferen-tial loans to entrepreneurs and artisans through the business Support Fund to develop the national folk-crafts .

Emomali Rahmon during his message to Majlisi Oli on December 29 has announced 2018 year of tourism and development folk crafts . Over the past decades awareness has grown about the importance of tourism for livelihood regions.

# 1 МАЙ - РӮЗИ ЯКДИЛИИ МЕҲНАТКАШОН



*Сангалӣ НАБОТОВ,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултаи химия, биология ва география*

Якуми май аз замони Шӯравӣ ба унвони рӯзи якдилии меҳнаткашон таҷлил мешуд ва баъди Встиқпол ҳам ин сана барои сокинони Тоҷикистон рӯзи истироҳатӣ буд. Он замон Шукурҷон Зуҳуров, раиси палатаи поёнии парлумон гуфт, якуми май ҳамчун рӯзи ид боқӣ хоҳад монд, аммо бидуни истироҳат. Рӯзи якдилии меҳнаткашон дар даврони Шӯравӣ, махсусан бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил мешуд. Сокинони шаҳру навоиҳи кишвар дар майдонҳои марказӣ омода шуда, ҳама ба парад мебаромаданд.

Дар ҳоли ҳозир рӯзи меҳнаткашон дар 142 кишвари ҷаҳон таҷлил мешавад. Дар бархе аз мамолик ин ҷашн бо шукӯҳи хосса баргузор шуда, дар бархе дигар танҳо сайругашти оммавӣ доир мешавад.

# ЗАБОН ҲАСТИИ МИЛЛАТ АСТ!



*Фарзонаи МИРЗО,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи омӯзгорӣ*

Забон воситаи муомилот ва муоширати одамон аст. Донистани ин ё он забон ба кас имконият медиҳад, ки то аз бурду бохт, имконияту вазъият ва камбудию талаботи рӯзмарраи ҳаёт огоҳ гардад. Донистани забони ғайр, донистани воқеияти ҳаёти миллати дигар ва тамоми дигаргуниҳои олам мебошад. Барои омӯхтани забони дигар мо бояд пеш аз ҳама забони модарии хешро ба хубӣ донему дарк намоем.

Озодона ҳамаи соҳаҳои ҳаёти худро омӯхта аз худ намоем, зеро бунёди забони модариамон ба осонӣ ба даст наомадааст. Беҳуда нагуфтаанд, ки дар дунё аз ҳама чизи ширинтару қиматтар ин забон аст, зеро ба воситаи забон фикру мулоҳизаи хешро озодона баён мекунему сухан мегӯем. Оре, забони модарӣ лафзи бузургу ширину муқаддасест, ки барои ҳар як инсони ватандӯсти комил баробари пайдо шудани ҷон дар бадан пайдо мешавад. Ҳанӯз тифле, ки нав ба олами ҳастӣ чашм боз намудааст, ба аллаи модар, ки бо забони модарӣ сурат мегирад, ниёз дорад ва тахти навои форами он худро озоду бофароғат ҳис мекунад, то ба ин лафзи поку муқаддас ҳарфе биншавад.

Сазовори навои баландмазмуни модари азиз гардад, зеро он азиз аст, шево садо медиҳад ва лаҳни форамаш дилу дида ва ҷону дил ором мегирад, зеро он лафзи модарӣ аст.

# МИНБАРИ

## ЗИЁРАТГОҲ Ё МАКОНИ ИШҚВАРЗӢ?

*Шаҳзода САЙҶАФАРОВА,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика, ришитаи рӯзноманигорӣ*

Чун имсол Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидааст, омадурафти сайёҳон ва меҳмонони хориҷӣ ба мамлакат меафзояд. Хусусан, ба маконҳои муқаддас, ки таваҷҷӯҳи зоирону мусалмононро ба худ ҷалб месозад. Боиси малоливу шармандагӣ хоҳад шуд, вақте меҳмонон дар ин макон шоҳиди ишқварзиию бӯсобусии ҷавонони маҳаллӣ гарданд. Онҳое, ки баъзеашон ғайримусалмонанд ба ҳоли мо механданд. Оё ин амал наметавонад қадру манзалати ҷойҳои таърихӣ ва фарҳангиро коста гардонад?

Тоҷикистон мулки биҳиштосост ва дар ҳама гушаву канори он боғу гулгаштҳо марказҳои фарҳангию фароғатӣ зиёданд. Ҳамеша ба хотири арҷгузорӣ ва шод гадонидани рӯҳи гузаштагону шахсиятҳои бузург дар гӯшаю канори мамлакатамон зиёратгоҳу оромгоҳҳои шахсиятҳои шинохта сохта шудааст. Яке аз макони зиёратгоҳи ҳамешагие, ки дар шаҳри Кӯлоб ҷойгир аст, ки марқади Мир Саид Алии Ҳамадонӣ мебошад.

Айни ҳол ки мавсими зиёрат ва сарсабзии табиат ва эҳёшавист, зиёратгоҳҳои мазкур бо гулу гулбуттаҳои рангоранги он ва боғи сарсабзаш ба ҳусни табиии ин зиёратгоҳ низ ҳусни дигар зам менамояд.

Дар ин асно низ зоирон як-як ё гурӯҳ-гурӯҳ ба зиёрат меоянд, вале чи қайд аст, ки имрӯзҳо аксари ҷавонон зиёратгоҳро ҷои вохӯрию макони ишқварзии хеш қарор додаанд. Гарчанде ки дар назди зиёратгоҳ боғи фарҳангию фароғатии шаҳр арзи вуҷуд дорад ва ҳамаган ҳар рӯз ба боғ омада, соатҳо истироҳат менамоянд. Кормандони зиёратгоҳ иброз медоранд, ки дар дохили зиёратгоҳ ин гуна вохӯриҳо мамнӯъ аст ва аз болои ин кор назорати қатъӣ бурда мешавад.

Новобаста аз ин, шоҳиди гиламандӣ ва шикояти яке аз зоирон будам, ки ба хотири зиёрат омада аз ин гуна рафтори ҷавонон дилсард шуда буд. "Мавсуф қайд кард, ки зиёратгоҳ макони дуову фотиҳа аст на ҷои ишқварзиву вохурӣ".

Шунидани сухани ҳақ талх ва сангин аст, вале бо итминони комил метавон гуфт, ки ҷавониро бо ғафлат гузаронидан, ҷомеа пеш намеравад. Вақти он аст, ки ба ин кор нуқта гузорем. Хуб мешавад, ки аз болои ин амалҳои ношоиста амалан назорат бурда, корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шавад, ки ин кор боиси малоли нанги мо нагардад.

## ТАВАҶҶУҲИ СУТ БА ТОҶИКИСТОН

*Сорбон СИРОҶОВ,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биология ва география*

Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги табиию таърихӣ, фарҳангию фароғатӣ ва мавзеъҳои ҷолиби сайёҳӣ мебошад. Мавқеи ҷойгиршавӣ, табиати бою рангин ва нотаркор ва мардуми меҳмонавозӣ мост, ки мавриди таваҷҷӯҳи сайёҳони хориҷӣ мегардад.

Тавре ки Дабири кулли СУТ Толиб Рафоӣ ҳангоми сафар ба Тоҷикистон дар соли 2010 иброз дошта буд: "Тоҷикистон дорои захираҳои бойи туристӣ буда, он метавонад ба иқтисодиёти мамлакат даромади калон ворид созад. СУТ дар навбати худ ба Тоҷикистон ҷиҳати рушди туризми дохилию хориҷӣ кӯмаки худро дареғ нахоҳад дошт".

Ҳамаи инро ба инобат гирифта Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро Соли рушди саёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуданд.

# ДОНИШҶӮ

## СИСТЕМАТИКАИ РАСТАНИҲО



*Баракатуллоҳ ХУСАЙНОВ,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи химия, биология ва география*

Шогирди Арасту файласуфи Юнон Теофраст (370 - 285 сол то эраи мо) ҳаракат намудааст, ки таснифоти олами набототро ба ҷо биёрад.

Ӯ 450 адад растаниҳои маданиро муайян сохта, онҳоро ба растаниҳои дарахтӣ, буттагӣ, нимбуттагӣ ва алафӣ ҷудо намудааст. Инчунин, растаниҳои мазкурро ба системаи муайян, ҳамешасабз ва баргрез, ёбой ва маданӣ гулкунанда ва гулнакунанда ҷудо намудааст.

Ин хизмати Теофрастро олими швед К. Линней баҳогузорӣ карда, ӯро падари ботаникҳо номидааст. Чунки хизмати ӯ, дар ин соҳа, то асри XVIII аҳамияти аввалин дараҷа дошт.

Дар ин самт корҳои олимони Империяи Рим- Диоскорид, Гален ва Плиний назаррас буда, онҳо бештар ба аҳамияти хоҷагӣ, доругӣ ва саноатии растаниҳо диққат додаанд.

Дар асри XVI тавваҷҷӯҳ ба омӯзиши илми ботаника зиёд гашта, олимони як қатор мамлакатҳо Олмон, Фаронса, Белгия, Дания ва Руссия дар ин самт хизмати бузург кардаанд.

Систематика ба ин гуногунӣ аз рӯи алоқамандии хешутаборӣ, монандии сохти растаниҳо такя намуда, онҳоро гурӯҳбандӣ мекунад.

Систематикаи ҳозиразамон бо истифода аз усулҳои гуногуни омӯзиш ва такя бар асосҳои таълимоти эволютсионӣ, амал менамояд:

1. Усули муқоисаи морфологӣ ё сохти зоҳирӣ - монандӣ ва фарқро дар байни гурӯҳҳои мухталифи олами наботот, таърихи пайдоиш ва хешутабории онҳоро муайян месозад.

2. Усули палеоботаникӣ - кофтуков ва алоқамандии растаниҳои мурда рафтаро муайян месозад.

3. Усули онтогенезӣ - таърихан шабоҳат доштани инкишофёбии индивидуалии организмҳоро муайян менамояд.

4. Усули физиологию - биохимиявӣ - дар асоси таркиби химиявӣ хешутабории растаниҳоро муайян манамояд.

5. Усули ситологӣ - ба хусусиятҳои асосии хромасомаҳои ҳар намуд такя намуда, ба якдигар наздик будани онҳоро муайян менамояд.

## ТАРБИЯИ МЕҲНАТДӮСТИИ БАЧАГОН ДАР ОИЛА



*Пулод Қосимов,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи омӯзгорӣ*

Дар фаъолияти ҳаррӯза мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе оилаҳо бачаҳо супориши доимии меҳнатӣ надоранд. Падару модарони ин оилаҳо тамоми кори хонаро ба зиммаи худ гирифта, баҳона мекунанд, ба бачаҳо барои дарстайёркунӣ вақт диҳанд.

Бачаҳо, одатан аз синни хурдсолӣ кӯшиш мекунанд, ки ба падару модар дар ин ё он кори хоҷагӣ ёрӣ расонанд. Падару модарон бошанд, ин иқдоми бачаҳоро бо баҳонаҳои "аз ӯҳдааш намебароянд", "вайрон мекунанд", "ҳоло ба корҳои рӯзгор машғул шудан барвақт" рад мекунанд.

Баъзан чунин суханонро мешунавем; "Бигузор бачаҳо ҳоло дарс тайёр кунанд, ба кор кардан бошад вақташ мерасад".

Гоҳо шоҳиди он мешавем, ки модар, падар ё хоҳару бародари калонӣ портфели талабаи синфи якумро ҷо ба ҷо мекунанд. Ҳамин зайл онҳо бачаҳоро аз меҳнат кардан раҳо намуда, чунин принсипи тарбияро вайрон мекунанд; он кореро, ки худи бачаҳо аз ӯҳдаи иҷроиш мебароянд, ба ҷои онҳо ин амалро калонсолони оила иҷро мекунанд, ки ин сабаби маҳдуд гардонидани бача ба меҳнат мегардад.

Дар чунин оилаҳо бачаҳо тамбалу худпараст ба воя расида, ба ҳаёти мустақилона тайёр намешаванд, аз меҳнати ҷисмонӣ дур мегарданд. Мушоҳидаҳо собит намуданд, ки ҳамин қабил бачаҳо дар мактаб ҳам аз иҷрои меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ саркашӣ мекунанд.

Ҳоло оилаҳое ҳам ёфт мешаванд, ки имконияти тарбияи меҳнатиро сарфаҳм намераванд. Меҳнат дар ин оилаҳо ҳамчун ҷазо истифода мешавад: "Баҳои се гирифтӣ, полро шӯй", "дар ошхона кор кун" ва ғайра. Ин қабил ҷазоҳо ба тарбияи ахлоқии бачаҳо таъсири манфӣ мерасонад. Онҳо ба меҳнати одамони меҳнаткаш беэътиноёна назар мекардагӣ шуда ба воя мерасанд.

Пас аз хатми мактаб илоҷе карда ба мактабӣ оллӣ дохил шудан мехоҳанд. Ба кадом коллективе, ки онҳо дар оянда афтанд, онҳоро аз нав тарбия кардан лозим меояд, ки ин кӯшишу меҳнати зиёдеро талаб мекунад.

Омили асосии ташаккули меҳнатдӯстӣ дар бачаҳо ҳаёти шахсии овони тифлии онҳо ба ҳисоб меравад. Ба ин васила муносибати софдилонаи аъзоёни калонсоли оила ба меҳнат ба бачаҳо низ таъсири мусбат мерасонад. Қадамҳои нахустини роҳи меҳнатдӯстиро бачаҳо аз падару модарон меомӯзанд.

Мутаасифона, чунин ҳодисаҳое мавҷуданд, ки баъзе бачаҳо ҳарчанд корҳои хонаро иҷро кунанд ҳам, танҳо онро бо амри падару модар ба ҷо меоваранд. Ин гуна тарбия самараи хуб намедиҳад. Мо мехоҳем, ки бачаҳо танҳо бо майлу хоҳиши худ ба меҳнат омада шаванд.

## АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ



*Шоираи АБДУРОЗИҚ,*
*донишҷӯйи соли 1-уми факултаи химия, биология ва география*

Дақиқ аст, ки дар ҳамаи давру замон донистани забони модарӣ барои мо вазифаи аввалиндараҷа мебошад. Онро бояд ҳар шаҳрвнди кишвар бо тамоми нозукиҳояш аз худ намояд, чунки донистани забони модарӣ меъёри асосии худшиносии миллӣ ба шумор меравад.

Аммо барои он ки мо худро дар як ҷо маҳдуд накунему ба хориҷи кишвар равем, берун аз Тоҷикистон корҳои илмию таткиқотӣ анҷом диҳем, фаротар аз ин фарҳанги худро ба дигар халқу миллатҳо муаррифӣ намоем, моро зарур аст, ки ҳатман забонҳое, ки ҳоло ҷаҳониён муошират мекунанд омӯзем.

Бояд қайд кард, ки баъд аз ба даст овардани истиқлолият дар кишвари мо ҷиҳати омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва азхудкунии онҳо диққати махсус равона шуда, барои омӯзандагон шароити хуб фароҳам оварда шудааст. Дар замони ҷаҳонишавӣ омӯзиш ва азхудкунии забонҳои хориҷӣ аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор меравад. Ҳамин аст, ки чанд соли охир таваҷҷӯҳи ҷавонон ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ афзудааст. Дар донишгоҳу донишкадаҳо, литсею муассисаҳои касбӣ ва мактабҳои миёнаи кишвар имрӯзҳо забонҳои зиёд, аз қабили забонҳои русӣ, англисӣ, франсузӣ, арабӣ, чинӣ, олмонӣ ва ғайра таълим дода мешавад.



Аз ин миён омӯзиши забони англисӣ аҳамияти махсус дорад, зеро ин забон яке аз забонҳои серистеъмолтарин маҳсуб меёбад. Хушбахтона, имрӯз омӯзиши забони англисӣ дар Тоҷикистон бо суръат баланд пеш рафта истодааст. Бавижа дар чанд соли охир он дар кишвари азизамон вусъати тоза пайдо кардааст.

Методҳои нав аз мо талаб мекунад, ки барои ҳар чи зудтар аз худ намудани забони англисӣ дар рафти омузиш аз технологияҳои информатсионӣ, аз қабили проектор, тахтаи электронӣ, тасвирҳои графикӣ ва ғайра ба таври васеъ истифода барем. Шунидани ахбори аудиоӣ ё тамошои видио-файлҳо ба хонандагону донишҷӯён барои зудтару васеътар омӯхтани забони хориҷӣ мадад мерасонад.

Пӯшида нест, ки таваҷҷуҳи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои азхудкунии забонҳои хориҷӣ миёни ҷавонон бисёр назарас аст. Ҳамин аст, ки Президенти маҳбубамон зимни ҳар вохӯрӣ бо ҷавонон таъкид мекунанд, ки ҷавонон бояд ҳатман донандаи хуби забонҳои хориҷӣ бошанду ақалан ду забони хориҷӣ донанд.

Сардори давлат қайд намудаанд, ки шаҳрвандони Тоҷикистон бояд ин ду забон - англисӣ ва русиро дар даҳсолаи оянда дар сатҳи забони модарӣ - тоҷикӣ бидонанд.

Олими машҳури олмонӣ Ноҳани Гёте қайд карда буд, ки "Касе, ки забонҳои хориҷиро намедонад, чизе дар бораи худ намедонад".

Илм исбот кардааст, ки синни беҳтарини таҳсил то 20-солагӣ ва омӯхтани забонҳои хориҷӣ то 13-солагӣ мебошад.

Пас, моро лозим меояд, ки ин зиннаи умрро хуб истифода бурда, онро ба забономӯзӣ, касбомӯзӣ ва умуман ба таҳсил сипарӣ намоем. Тибқи омори мавҷуда имрӯз 80%-и маълумот дар шабакаи ҷаҳонии интернет ба забони англисӣ маҳфуз ва китобат мешаванд.

## ХИЗМАТҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



*Маҳина САЙДАЛИЕВА,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи омӯзгорӣ*

Бо ташаббуси Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ як кишвари ободу зебо ва пешрафта муаррифӣ гардидааст. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати ин фарзанди барӯманди миллат узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, бо 128 кишвари сайёра равобити дипломатӣ дорад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи 151 кишвари рӯи дунё ба расмият шинохта шудааст. Инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон узви 51 созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ мебошад.

Барои ҳамаи мо маълум аст, ки баъд аз пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ халқи тоҷик рӯзҳои хеле баду сангинро аз сар гузаронидааст. Дар соли 1992 дар кишвари ободу зебои мо ҷанги шаҳрвандӣ яъне бародаркушӣ рух дод, ки дар дили мардум тарсу ҳарос ҷой гирифта, ҳазорон нафар кушта шуда, хонавайрон гаштанд. Инчунин, нисфи дигари аҳолии ҷумҳурӣ ба ҳолати гурезагӣ дар давлатҳои ҳамсоя умри худро паси сар намуданд. Баҳри ба эътидол даровардани вазъи сиёсии кишвари азизамон дар ин лаҳзаи душвору сангин ва тақдирсози миллат дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ, ки соли 1992 баргузор гардид фарзанди бору номуси миллат пайдо шуд, ки сади роҳи ин ҷангро гирифта, Тоҷикистонро ба як давлати ободу зебо табдил диҳад.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки бо талошҳои пайваста, меҳнату кӯшишҳои зиёд ва ҷонбозиҳо Эмомалӣ Раҳмон тавонист ба ин муваффақ гардад. Рӯзи 12-уми декабри соли 1992 сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон ба халқи шарифи Тоҷикистон муроҷиат карда гуфта буд:

"Халқи мо имрӯз душвортарин ва фоҷианoктарин давраҳои таърихии хешро аз сар мегузаронад. Ҳақиқат талх аст, вале мо бояд иқрор шавем, ки қувваҳои муайян сабабгори фоҷиаи миллат гардидаанд. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои гулгулшукуфоии ватани азизам садоқатмандона сарф мекунам".

Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон сазовори мукофоти Нобелӣ мебошад.

*Зи шеъри сактадорам нест бимам,*
*Аз он тарсам , ки гирам сактаи дил.*

Анвори дониш
№8 (273), ЧОРШАНБЕ, 16.05.2018

# ДУША ФАКУЛЬТЕТА



*Мохира ГАФУРОВА,*
*старший преподаватель кафедры современного русского языка*

Ващенко Александр Сергеевич - его забыть невозможно!

Он работал на факультете русского языка и литературы в 70-90-ые годы. Александр Сергеевич занимал должность заместителя декана по учебной работе; составлял расписание занятий так, что все преподаватели были им довольны. Однако, Александр Сергеевич был очень строгим в отношении срывов занятий, пропусков, но справедливым человеком. Во времязанятий на факультете была всегда идеальнаятишина ипорядок.



Никогдане позволял себеповышать голос на преподавателей, особенновприсутствии студентов. Его любили все: ипреподаватели, и студенты.

Несмотря насвою требовательность, он был веселым человеком, очень любил рассказывать анекдоты, шутить.

Ващенко А.С. был талантливым, умным, разносторонним человеком. Он читал детскую и русскую литературу. Занятия его были интересными и увлекательными, часто руководил педагогической практикой студентов, оказывал им помощь в проведении уроков, т.к. имел опыт работы в школе. Александр Сергеевич был отзывчивым человеком, старался помочь каждому, кто к нему обращался. Ващенко А.С. являлся автором памятки "Тебе, первокурсник".

Доктор педагогических наук, профессор Гуломов Ислом Назарович вспоминает о нем как о добром, внимательном и щедром друге. Однажды Ислом Назарович подошёл к нему и попросил помочь ему с переводом с украинского языка на русский.

В то время профессор Гуломов И.Н. работал над очередным пособием; ему нужно было русское издание книги А.И. Конфоровича "Замечательные математические задачи", но так как эта книга была на украинском языке, он обратился к Александру Сергеевичу по поводу перевода. А.И. Ващенко тактично извинился, что очень занят, не имеет свободного времени, но может помочь со словарем.

На следующий день он принес "Украинско -русский словник" и подарилИслому Назаровичу на добрую память. Это словарь профессор Гуломов И.Н. до сих пор использует в своей работе.

Александр Сергеевич являлся одним из редких руководителей, который мог сплотить вокруг себя и преподавателей и студентов. Коллеги по работе не без основания говорили, что Ващенко - это душа факультета.

# ТААССУРОТИ САФАР АЗ ХУҶАНД



*Далер КАРИМОВ,*
*сардори шуъбаи кор бо ҷавонон*

Тибқи нақшаи пешакии тасдиқнамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи "Дар меҳмонии ректор" таърихи 6-7-уми апрели соли ҷорӣ дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ки дар шаҳри Хуҷанд ҷойгир аст, рост омад.



Дар рӯзи аввал аз рӯи барнома намояндагони раёсати донишкада мо -меҳмононро бо садои таблаку доира, наю сурнаю карнай ва рақсу бозӣ истиқбол гирифтанд, ки ба кас ҳузуру ҳаловат мебахшид. Дар баробари истиқбол гирифтан, дастовардҳои донишкада ва ҳунарҳои дастии кормандону донишҷӯёни донишкадаро дар саҳни донишкада ба маърази тамошо гузоштанд, ки воқеан ҳам зебо, диданӣ ва диққатҷалбкунанда буданд.

Баъдан дар толори маҷлисии донишкада конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" барои солҳои 2018-2028 баргузор гардид, ки риштаи дӯстии ҷавонони тамоми манотиқи ҷумҳуриро ба воситаи баҳсу музокираҳои илмӣ боз ҳам мустаҳкаму устувор менамуд.

Ҳамчунин вохӯрӣ бо директори донишкада номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимӣ Рауф Латифзодаро бо меҳмонон ташкил намуданд, ки дар он суҳбатҳои дуру дароз ва тарбиятдиҳандаву самимонаи директори донишкада моро дар як фазои хуби дӯстию ҳамдилӣ ҷамъ оварда, ба роҳи рост раҳнамун месохт ва ҳарҷӣ бештар малакаҳои корӣ меомухт.

Инчунин, дар қисмати дуюми рӯз аз ҷониби маҳфили "Ҳаҷвнигорони ҷавони назди Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" барномаи пурраи ҳаҷвӣ ба намоиш гузошта шуд, ки табъи мизбонону меҳмононро шод намуда, дар лабу чеҳраҳои тамошобинон хандаро арзонӣ дод.

Пас аз он тибқи барнома роҳбаладону мутасаддиён моро ба тамошои боғи Камоли Хуҷандӣ ва Осорхонаи таърихии вилояти Суғд бурданд, ки воқеан ҳам кӯчаҳои тозаю озода, гулу гулкориҳои боғу канори роҳҳо, дастовардҳою мақбараҳои таърихӣ ва оби софу поки дарёи Сир, ки аз маркази шаҳри Хуҷанд мегузашт, диққати сайёҳони дохилию хориҷиро ба худ ҷалб намуда, касро шефтаю мафтун менамуд.

Дар қисмати бегоҳии рӯз моро ба "Қасри сафед"-и шаҳри Хуҷанд бурда, дар баробари хӯроки шом барномаи фарҳангию фароғатии мукаммалеро таҳти унвони "Ваҳдати ҷавонон" манзурамон намуданд, ки шодию нишот ва рақсу бозии ҷавонон дар зери навои ҳар як мусиқӣ ҷолибу диданӣ буданд.

Хулоса, ман ва тамоми ҷавононе, ки моро ҳамсафар буданд аз ин сафари дурӯза пеш аз ҳама ҳаловат бурда, ба худ дӯстони зиёде аз тамоми минтақаҳои ҷумҳурии азизамон пайдо намудем. Ҳамчунин, соли ҷорӣ, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон гардидааст, мо дар рафти сафар бо урфу одат, расму русум, дастовардҳои таърихию замонавӣ ва мавзеъҳои дидании ин гӯшаи зебманзари Тоҷикистони биҳиштосо шинос гаштем, ки ин ҷаҳонбинии ҳар яки моро боз ҳам васеътар намуд.

# АКСҲОИ ГӮЁ









## ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН НАШУД!

Боси хурсандист, ки хонандагон ба рӯзномаи "Анвори дониш" таваҷҷӯҳи хосса доранд. Ба кроссворди шумораи гузашта 4 нафар ҷавоб пешниҳод кард. Камбахтона, аз ин шумора ҳеҷ кадомашон кроссвордро бе хато пур накардаанд. Онҳо ҳангоми пур кардани кроссворд аз 4 то 7 хатой кардаанд.

Инҳо Латифов Бобоҷон (4 хато), Самариддини Набизод (5 хато), Саторов Шариф (7 хато), Раҳмонов Сомонӣ (7 хато ) мебошанд. Аз сабаби он ки кроссворди шумораи гузаштаро касе бо ҷавобҳои дуруст пешниҳод карда натавонист, мо онро такроран нашр мекунем, то хонанда ба ҳамаи саволҳои кроссворд ҷавоб пайдо кунад.

**Ҳар касе, ки ҷавобҳои пешниҳодкардаашро аз назар гузаронидан мехоҳад, ба идораи рӯзнома ташриф оварад ва хатоҳои худро бубинад.**

**Хонандагони азиз! Саросема нашуда, кроссвордро дуруст пур кунед ва насиби мукофот дар ҳаҷми 100 сомонӣ гардед!**

Ҷои истироҳат
Омехтаи газҳои атмосфераи Замин
Беҳудо, бедин



Нозияи ...

Сарояндагӣ
Калонӣ, бузургӣ
Рангубори рӯи актёр
Оби мард, манӣ
Пайи қаламро тоза мекунад
Муқобили «галмӣ»
... Сафина, сароядаи рус
Илҳом ..., президенти Озарбойҷон
Шаҳр дар Фаронса
Дарё, ки ба баҳри Арал мерезад
Гарданбанд, ҳалқа
... кардан = илова кардан
Дуэти духтарони овозхони рус
Оқилу доно
Пастӣ, нокасӣ
Парранда
Посбони хона
Расидан ба муроду мақсад
Хуб, нағз
Шаҳри қадимаи арманӣ
Таёқ, чӯбдаст
«... гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй»
Валс, танго ё брейк
"Ёр ... бошад, кор саҳл аст"
Падар (лаҳҷа)
Ифлос не
Ирода, хоҳиш
Халқият дар Осиё
Дарзмол
Либоси занонаи русӣ
Машқҳои ҷисмонӣ ва рӯҳии ҳиндуҳо
Нони русӣ
Лақаби амрикоиҳо
Зардоб, сафро
Cr - унсури кимиёвӣ
Модар (лаҳҷ.)
Ҳолати бадани одами таъзимкарда
Модаркалон, бибӣ
... Кумар, ситораи кинои ҳиндӣ
Навъи андоз
Монанд, мисл
Нокас
Ломбард
Ромшуда, дастомӯз
Пешвои рӯҳонӣ
Пойтахти вилоят дар Сибир
Бале, ҳа



... Ғафуров

... Деол, ситораи кинои ҳиндӣ
Умедворкунанда
Онҳо (китобӣ)
Кӯҳсори байни Осиё ва Аврупо
Тамғаи як мошини «Дэу»
Ташкилоти баскетболи ИМА (русӣ)
Сароянда ... Эргашева
Нидои мухлиси футбол
Маросими талбидани арӯс
Насл, авлод
Шоҳи футбол аз Бразилия



... Давлатова

Ҷанобии ҷопонӣ
Номи ҳамсари Борис Елсин
Холӣ, бемағз
Акснамои хурдакак
Асоснок не, бепоя
Ҷумҳурии мухтори Русия
Равғани гов
Намоиши саҳнавӣ (санъат)
Воло
Вобаста, роҷеъ
Нотавонӣ, сустӣ
Ҳарфи Н дар кимиё
Киностудияи Тоҷикистон
Шавҳар
Оши бурида
... Тэдун, пешвои «инқилоби маданӣ»-и Чин
Шакли кӯтоҳи «биёр»
Як хел захми пӯст
Дӯст шудан - ... гирифтан
«Шарқ» ба истилоҳи баҳрнавардон
Инсони аввалин
Пур (лаҳҷа)



... Баччан

Тела
Таблиғи ягон намуди мол
Чорчархаи пушти асп
Афту андом
... ву ишора
Бурҷи 11-уми толеънома
Дӯстии баъди ҷанг
Баба ... аз афсонаҳои рус
Аз 10 хурд
Гиёҳ-ранг барои мӯй
Муаллифи операи «Аида»
Асбобу анҷоми сафар
Аз пой зарба хӯрдан
Шамшери туркӣ
Абуалӣ ...и Сино
Дарахти дар Тоҷикистон паҳншуда
Футбол (англ.), фут- пой, бол- ?
Тухми моҳӣ (русӣ)
Узви махсуси фил

## ДИҚҚАТ!

**Хонандае, ки сари вақт ва дар муҳлати кӯтоҳ кроссвордро дуруст ва бехато пур карда ба идораи рӯзнома пешниҳод мекунад, бо мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 100 сомонӣ қадрдонӣ карда мешавад.**

# СУХАНИ МОНДАГОР



*Саъдии Шерозӣ*

*Ҳилми шутур, чунон ки маълум аст, агар тифле маҳораташ гирад, ба сад фарсанг (фарсах, масофаи муайянест, ки тақрибан ба 6 километр баробар аст) барад, сар аз мутобеаташ напечад. Аммо агар дарае ҳавлнок пеш ояд, ки мӯҷиби ҳалок бошад ва тифл он ҷо ба нодонӣ хоҳад шудан, зимом аз кафаш даргусалонад ва беш мутабеат накунад, ки ҳангоми дуруштӣ мулотифат (нармӣ, лутф) мазмум (маззаматшаванда) аст ва гӯянд: "Душман ба мулотифат дӯст нагардад, балки тамаъ зиёда кунад".*




# ҲАРФИ ТАЪРИХӢ

*Аҳмадшоҳи МАСЪУД,*
*Қаҳрамони миллии Афғонистон*

*"Ман имрӯз Роҳбари давлати шуморо дидам, ки ҷон ба кафи даст зери тиру туп барои даъвати бародарони фирорӣ ба сулҳу ваҳдат омадааст. Роҳбаре, ки барои мардумаш ҷонашро дареғ намедорад, қодир аст сулҳ овард. Атрофи ӯ муттаҳид шуда, ӯро гиромӣ доред. Бадбахтии миллати мо - афғонҳо дар он аст, ки мо то ҳанӯз чунин роҳбари ғамхор надоштаем ".*

# СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

*Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки аз 16-уми май то 24-уми майи солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!*

*Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон ҳалолкорӣ пайваста амалӣ гардад.*

1. **МӮСОЕВА ҶАМОЛБӢ,** 16.05.1965, ассистенти кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи материалҳо;
2. **ШАРИПОВ АЛАМШО,** 17.05.1980, мудири кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи маводҳо;
3. **ТЕМУРОВ ҶАҲОНГИР,** сармуҳаррири рӯзномаи «Анвори дониш»;
4. **МУРОДОВ РИЗО,** 19.05.1990, ассистенти кафедраи менеҷмаент ва маркетинг;
5. **УМЕДҶОНИ ДАВЛАҲМАДЗОДА,** 20.05.1990, муҳосиб, корманди шуъбаи ҳисоб;
6. **СИРОҶОВА ТАХМИНА,** 31.05.1981, ассистенти кафедраи иқтисод ва идора;
7. **БОБОХОНОВА МОҲСАФАР,** 22.05.1969, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
8. **НИЁЗОВ ШОКИР,** 24.05.1980, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;

# ТАЪЗИЯ



*Бозор Собир, шоири маъруфи тоҷик рӯзи 1-уми май дар синни 79-солагӣ дар яке аз бемористонҳои шаҳри Сиэтли Амрико даргузашт. Даргузашти шоири маъруфи Тоҷикистон Бозор Собир аҳли фарҳангу адабиёт ва дӯстону наздикони ӯро такон дод. Даргузашти ӯро талафоти азим барои адабиёт ва фарҳанги тоҷик номида гуфтанд, ки имрӯз "адабиёти тоҷик мотам дорад".*

*Дар бораи марги шоир нахуст вебсайти Президенти Тоҷикистон хабар дод ва гуфта шуд, ки ҷасади шоир ба ватан оварда ва дар ҳамин ҷо ба хок супорида мешавад.*

*Бозор Собир аз охири соли 1995 ҳамроҳ бо оилааш дар Сиэтли Амрико муқимӣ шуд ва танҳо соли 2013 бо даъвати Президенти Тоҷикисон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Тоҷикистон баргашт.*

*Бозор Собир, ки фаъолияти эҷодии худро аз солҳои донишҷӯӣ дар факултаи забону адабиёти тоҷики ДДМТ (1960) шурӯъ кардааст, бо маҷмӯаҳои "Аз гули хор то симхор", "Оташбарг", "Бо чамидан бо чашидан", "Чашми сафедор", "Офтобниҳол" ва дигарҳо маъруф аст.*

*Аз марги ин шоири маъруф ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сахт андӯҳгин буда, ба наздикону хешовандони марҳум аз даргоҳи Худо сабри ҷамил хоҳонанд.*

# ЗАРБУЛМАСАЛ

*Як рӯз бошу хурӯс бош!*
*Бепул саломро алейк намегӯянд.*
*Ба даҳонат нигоҳ карда гап зан!*
*Чашм номард аст.*
*Маълумот олӣ - калла холӣ*
*Аз маталҳои давраи ҷанги шаҳрвандӣ : "Гапа БТР ҷуқид"*
*Сиёсат - зани гар аст.*
*Зинда будани ман аз бекафанӣ аст.*
*Бо сипоҳӣ ҷура нашав, ба занат сири дилатро нагӯй ва аз навкиса қарз магир!*
*Як задани Тоҷӣ ва сад задани Ҳоҷӣ.*
*Деги сиёҳ боло шуд, хешу табор пайдо шуд.*
*Обрӯи хушомадгӯй, на дар кӯча, на дар ҷӯй.*
*Зарфи дарунхолӣ, овози баланд дорад!*
*Зарфи дарунхолӣ ғарқ намешавад!*
*Саломи хушомадгӯй бе тамаъ нест.*
*Аз "пагоҳ биё" гӯӣ, дасту дилатро шӯй.*
*Маст омад девона гурез!*
*Девона гурез, ки маст омад!*
*Ҳамаро бо як чашм бин!*

*Зардаков Илҳом,*
*омӯзгори фанни забони хориҷи МТМУ*
*№21-и ноҳияи Восеъ*

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

*Дафтарчаи имтиҳоние, ки соли 2007 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 1-уми факултаи омӯзгорӣ (таҳсилоти рӯзона) Гулмираи Қурбонмад додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.*

АНВОРИ ДОНИШ
ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДИ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**АБДУЛЛО ҲАБИБУЛЛО,** доктори илми физика ва математика, профессор, Узви вобастаи АИ ҶТ, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

**КАРИМОВ САМАРИДДИН,** доктори илми химия, профессор, Узви пайвастаи АМТ

**ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,** доктори илми фалсафа, профессор

**ҶУМЪАХОН АЛИМӢ,** доктори илми филология, профессор

**ХОЛИҚОВ САФАР,** номзади илми кимиё

**ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,** номзади илми филология, дотсент

**САЙДАҲМАДОВА ДИЛОРОМ,** номзади илми педагогика, дотсент

**АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,** доктори илми таърих, профессор

**МИРЗОЕВ САЛИМ,** доктори илми педагогика, профессор

**ҶӮРАЕВ БОБОХОН,** саромӯзгор

САРМУҲАРРИР:
**ҶАҲОНГИР РУСТАМ**

КОТИБИ МАСЪУЛ:
**ЭРАҶ ДАВЛАТОВ,** номзади илми филология

ХАБАРНИГОРОНИ ИХТИЁРӢ:
**САМАРИДДИН НАБИЕВ**
**ГУЛАФЗО ДАВЛАТОВА**

САҲИФАБАНД:
**АЛИШЕР ЯТИМОВ**

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" ба табъ расидааст. Адади нашр 4200

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15, мобилӣ: 918-13-99-68; 981-00-02-19